# Асосҳои ислом

**Тақдим**

***Доктор: Абдулмуъин Ал Шаввоф***

# Пешгуфтор

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

Ҳамду сипос Худои ягонаро ва дуруду салавот бар расули Ӯ ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва олу асҳоби ӯ.

Ба дурусти дар навиштани ин пешгуфтор сипоси худро баён менамоям барои ҳар як фарде, ки саҳми худро гузоштааст дар навиштани ин китобе, ки барои ҳар як мусалмон роҳро ба сӯи Ислом равшан менамояд ва дилашро мунаввар месозад.

Дини мубини ислом дини илму маърифат ва  маданият, инчунин ақида, ибодат, шариат ва раҳнамои буда дар ин китоб баъзе аз ин матлабҳоро зикр карда мешавад.

Дини мубини ислом як низоми пурраи шуъуни ҳаёт мебошад, ки амали мегардонад матлабҳои инсон ва ҷамъиятро.

Аз ҳамин лиҳоз зарур аст тасҳеҳ намудани бисёре аз мафҳумҳои хатоеро, ки олуда намудааст номи Исломро ба сабаби баъзе аз фикрҳои гумроҳ кунанда.

Агар мо рӯ оварем ба таърих, пас мебинем фарзандони кашварҳои Мовароуннаҳр насиби бузурге доранд дар таърих ва пешравии ислом. Номҳои шинохташуда хело зиёд мебошанд, ба мисли Имом Бухорӣ, Тирмизӣ, Хаворазмӣ, Ибни Рушд, Аббос ибни Фирнос, Имом Насои, Ибни Моҷа, Розӣ ва дигарон, ки хело кӯшишу ғаёратҳои бисёр кардаанд дар маёдонҳои гуногун дар таърихи Ислом.

Аз Худованди бузург пурсони тавфиқу ҳидоят ҳастем.

**Доктор: Абдулмуъин Ал Шаввоф**

# Асосҳои ислом

Дини Ислом аз ду асос сарчашма мегирад: Ақида ва шариат.

Мавзӯи сарчашмаи Ислом аз ду фасл иборат аст.

**Фасли аввал дар баёни ақида ва шариат:**

Аммо ақидаи исломӣ ин маҷмӯи усули фикрии ҳақиқӣ ва эътиқоди қалб аст, ки Худованд мардумро ба имон овардани он амр мекунад. Ва ин усули фикриро усули дин низ меноманд. Ва усули он шашто мебошад, яъне имон овардан ба Аллоҳ, малоикаҳо, китобҳо, паёмбарон, рӯзи қиёмат ва тақдири некӣ ва бадӣ.

Аммо шариати исломӣ иборат аз маҷмӯи аҳком, қонунҳо ва равишҳое, ки Худои таоло барои роҳнамоии иҷрои амалҳо ва барои танзим даровардани ҳаёти ҳар як фарду ҷамъият ва барои иршоди мардум, ки дар он хайру салоҳ аст, муқаррар намудааст. Шариатро низ фурӯи дин меноманд. Яке аз фарқияти байни шариат ва ақида дар он аст, ки ақидаи ҳамаи паёмбарон (алайҳим-ус-салом) якест ва тағйирнаёбандааст, аммо шариат мувофиқи ҳоҷатҳои мардум ба омадани ҳар як паёмбар дар замони худ тағйир меёбад.

## Мафҳуми ақида

Ақида дар луғат маънои гиреҳ карданро дорад, аммо дар истилоҳ ба маънои умумӣ, он чи ки инсон дар дил эътиқод дорад ва ба он карда шак наовардааст. Аммо ба маънои хосс: ҷазман имон овардан ба Аллоҳ ва ба он чи ки зарур мешавад дар илоҳиёт ва рубубиёт ва асмо ва сифоти он ва имон овардан ба Аллоҳ, малоикаҳо, китобҳо, паёмбарон, рӯзи қиёмат ва тақдири некӣ ва бадӣ.

## Таъсири ақида ба ҳар фард ва ҷамъият

Аввал: таъсири ақида ба ҳар фард мерос медиҳад:

- Оромӣ ва осудагӣ дар ҳаёт
- Озод кардани банда аз парастиши ғайри Худо.
- Таваккал кардан ба Худованд.
- Устуворӣ дар роҳи ҳаққ

Дуввум: таъсири ақида дар ҷамъият:

Ҳаргоҳ, ки ақидаи солим дар қалби бандагон қарор гирифт асари он дар ҷамъият зоҳир мегардад. Баъзе аз таъсироти ақидаи исломӣ дар ҷамъият инҳоанд:

- Муттаҳид шудани ҷамъият.
- Барқор шудани амну амон.
- Тарбият ёфтани ҷамъият ба ахлоқи нек.

## Таърифи илми ақида дар луғат ва истилоҳ

Мақсад аз ақида дар луғат ба маънои бастан, гиреҳ кардан, мустаҳкам кардан меояд. Аз ин лиҳоз ҳар чизеро, ки инсон дар қалби худ ҷазман мустаҳкам нигоҳ дорад, баробар аст, он ҳақ бошад, ё ботил, онро ақида гӯянд.

Аммо дар истилоҳ: ҷазман имон овардан ба ягонагии Аллоҳ, рубубият, илоҳиёт ва асмо ва сифоташ ва имон овардан ба Аллоҳ, малоикаҳо, китобҳо, паёмбарон, рӯзи қиёмат ва тақдири некӣ ва бадӣ ва ба тамоми он чи собит аст аз умури ғайб ва дин (ба монананди амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар ва дӯст доштан ва бад дидан дар роҳи Худо ва муҳаббати саҳобагон) ва ба он чи гузаштагони солеҳ иттифоқ доранд ва ба пуррагӣ таслим шудан барои Худо дар амр, ҳукм, тоат ва пайравӣ ба расулаш Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мебошад.

## Аҳмияти ақидаи исломӣ

Ақидаи исломӣ дорои аҳамияти бузург аст ва онро ба умури зерин ишора карда мешавад:

1. Ҳамаи паёмбарон маҳз барои ақидаи саҳеҳ фиристода шудаанд: (сураи Анбиё 25)
   ***25. Мо пеш аз ту эй Расул, ҳеҷ паёмбаре нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки ҷуз Ман маъбуди барҳақ нест. Пас, ба ихлос Маро бипарастед.***

2. Ҳадаф аз офариниши инсу ҷин маҳз барои ибодат аст. (сураи Зориёт 56)
   ***56. Ва ҷинну одамиро наёфаридаам, магар барои ҳадафи бузурге, то танҳо маро ибодат кунанд, на ғайри Маро.***

3. Шарти қабули амалҳо ба ҷо овардани тавҳид аст ва камоли амалҳо вобаста бар камоли тавҳид аст. Ҳар як нуқсоне, ки дар тавҳид ояд, гоҳе амалро бар бод медиҳад, ё камоли онро нуқсондор мекунад.
4. Комёбии охират вобаста бар ақидаи саҳеҳ аст. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "*Шахсе, ки калимаи "Ло илоҳа иллаллоҳ"-ро холис аз барои Худо бигӯяд, Худованд барояш оташро ҳаром гардонидааст.*"
5. Моҳияти ақида дар он аст, ки байни банда ва холиқашро мепайвандад: бо шиносоӣ, ягонагӣ ва ибодате, ки шомили хавф, раҷо, муроқаба, таъзим, тақво ва тавба...
6. Саодатмандӣ дар дунё асосаш донистани Аллоҳу таоло аст. Ҳеҷ роҳат ва оромӣ нест, магар ин ки банда Парвардигорашро бо рубубият, улуҳият ва асмову сифоташ бишносад.
7. Ин ақида ҷавобгӯи тамоми саволҳоест, ки дар зеҳни банда меояд: ба монанди сифати Холиқ, ибтидои офариниши халқ ва ниҳояти он, мақсад аз офариниши халқ ва инчунин ҷавобгӯи мавзӯи қазову қадар.
8. Баёнкунандаи мавзӯи ақида, Қуръон ва суннат мебошад.

9. Ақидаи саҳеҳ сабаби пирузӣ ва наҷот дар дунёву охират аст. Пас гурӯҳе, ки ин ақидаро дорад, пирӯзманд аст. Ҳеҷ  кас бар онҳо пирӯз шуда наметавонад. Чуноне , ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Ҳамеша тоифае аз уммати ман бар ҳақ устуворанд ва мухолифон бар онҳо осебе намерасонанд, то амри Аллоҳ биёяд ва онҳо бар ҳамин равиш устуворанд"*.
10. Ақидаи саҳеҳ нигоҳдорандаи мусулмон аст аз хурофотҳо ва аз афкори бад.

## Мафҳуми шариат

Аввал: шариат динест, ки Худованд барои бандагонаш баргузидааст, то ин ки аз зулумот ба сӯи нур берун оварад ва он чи барои онҳо муқаррар ва баён кард аз амру наҳй ва ҳалолу ҳаром ва касе ки пайрави шариати Худо кунад ва ҳалолашро ҳалол ва ҳаромашро ҳаром донад, комёб шудааст. Ва касе, ки ба шариати Худо мухолифат кунад, худро дучори ғазаб ва иқоби Парвардигор кард.

(сураи Ҷосия 18)

***18. Пас, туро  эй Расул  ба роҳи дине, ки возеҳу равшан аст (яъне, шариъат) андохтем.  Пас, ба  он  роҳи шариъат  бирав ва аз хоҳишҳои нодонон пайравӣ макун, ки онҳо шариъат ва аҳкоми динро намедонад.***

Халил ибни Аҳмад дар китоби "Сиҳоҳи Ҷавҳарӣ 3/1236" баён мекунад, ки: "Шариат онест, ки Худованди таоло ба бандагонаш дар дин, ба барпо доштани намоз, рӯза, ҳаҷ ва монанди он амр мекунад".

Ва ба қавли Ибни Ҳазм (раҳматуллоҳи алайҳ) "Шариат онеро мегӯянд, ки аз забони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва аз тамоми паёмбарон оид ба диёнат гуфта шудааст. "

Шариат дар луғат манбаъ ва сарчашмаи обро гӯянд.

Аммо дар истилоҳи шариат он чизеро, ки Худованд барои бандагонаш дастур додааст аз ҳукмҳое, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) овардаанд: аз илми ақида ва фиқҳ.

## Хусусиятҳои шариати ислом

Баъд аз он, ки таърифи шариати исломро луғатан ва истилоҳатан баён кардем, сазовор аст, ин ки хусусиятҳои онро низ баён намоем. Ин дин, охирин дини осмонист ва рисолати илоҳиест, ки Аллоҳ таоло ҳифз карданашро ба ӯҳдаи худ гирифтааст ва паёмбар Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро ба таблиғи он амр кардааст.

- Сарчашмаи асосии шариати Ислом аз Қуръону суннат ва тобеъҳои он қиёс, истеҳсон ва ғ.
- Адл ва баробарӣ: Адл яке аз номҳои Аллоҳ таоло мебошад. Яъне дар шариаташ ҳеҷ касеро берун аз тоқаташ мукаллаф накардааст, зеро асоси шариат рифқ ва осонист. Чуноне, ки Худованди таоло дар сураи Бақара 286 фармудааст:

  ***286. Аллоҳ ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавоноиаш мукаллаф (вазифадор) намекунад...***
- Дарбаргиранда: яъне,низоми шариат иборат аз ахлоқ, муомилот, сиёсат, иҷтимоъ, иқтисод мебошад, ки хушбахтии ҳар фард ва ҷомеаро дар дунё таъмин менамояд. Ва ин низом то рӯзи Қиёмат боқӣ мемонад. Чуноне, ки Аллоҳу таоло дар сураи Моида ояти 4 фармудааст:

  ***4. Аз ту эй Паёмбар мепурсанд, ки чӣ чизҳое бар онҳо ҳалол шудааст? Бигӯ: Чизҳои покиза ҳар он чизе аст, ки дар он фоида ё лаззате бошад ва зиёне барои бадан ва ақл надошта бошад бар шумо ҳалол шуда ва низ хӯрдани сайди паррандагон ва он ҳайвоне, ки ба он сайд кардан омӯхтаед, чун ҷонварони шикории таълим додашуда ва сагони шикорӣ, ҳар гоҳ онҳоро ба он тавре, ки Парвардигоратон барои шумо омӯзонидааст, таълим дода бошед, аз он сайд, ки бароятон мегиранд ва нигоҳ медоранд, бихӯред ва номи Аллоҳро бар он бихонед ва аз***

***Аллоҳ битарсед, ки рӯзи қиёмат наздик аст ва Ӯ таъоло зуд ба ҳисоб расандааст.***

- Намунавӣ ва воқеӣ: Албатта дини Ислом дини воқеист. Амрҳояш бо фитрати инсон мувофиқат дорад ва аз ин лиҳоз хоҳиш ва рағбатҳоеро, ки Аллоҳ таоло барои ӯ муқаррар гардонидааст, баҷо меорад. Аммо намунавӣ рафторест, ки инсон ба сӯи ислоҳи ҷомеа ва зиндагии хуш ҳаракат мекунад ва ба ахлоқи некаш бадахлоқон ва табоҳкоронро ба салоҳият даъват менамояд.

## Ҳадафҳои шариати исломӣ

Ҳамоно шариати исломӣ фақат аҳком нест, балки ҳадафҳоеро ба худ дарбар мегирад, ки алоқаи инсонро бо худ ва ҷомеа мепайвандад. Баъзе аз асосҳо ва қоидаҳое, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаётро фаро мегирад инҳоанд:

- Таблиғи (паҳн кардан) шариати Худованди мутаол ба тамоми мардум бо воситаи паёмбарон (алайҳим-ус-салом). Чуноне, ки Аллоҳ таоло фармудааст: (сураи Анбиё 25).
  ***25. Мо пеш аз ту эй Расул, ҳеҷ паёмбаре нафиристодем, магар он ки ба ӯ ваҳй кардем, ки ҷуз Ман маъбуди барҳақ нест. Пас, ба ихлос Маро бипарастед.***
- Тавоноии уммат ва ҳайбати он: мусалмонон қавӣ ва тавоно нагарданд, то даме, ки ба Қуръону суннат чанг назананд. Чуноне, ки Худованд мефармояд: (сураи Нур ояти 55)
  ***55. Аллоҳ ба касоне аз шумо, ки имон овардаанд ва корҳои шоиста кардаанд, ваъда дод, ки албатта дар рӯи замин халифаашон созад, чун мардумеро, ки пеш аз онҳо буданд, халифаашон сохт. Ва динашонро, ки худ барояшон писандида аст, ки Ислом аст устувор созад. Ва ваҳшаташонро ба эминӣ бадал кунад, ҳар вақте ки Маро мепарастанд ва ҳеҷ чизеро бо Ман шарик намекунанд. Ва онҳо, ки баъд аз ин ношукрӣ варзанд , пас онон фосиқонанд (яъне, хориҷ аз тоъати Аллоҳанд).***
- Ислоҳ ва аз байн бурдани фасод: ибтидои даъват бо ислоҳи ақида ва ахлоқ оғоз ёфт ва баъд аз он ба покии нафс даъват шуд.

- Озодӣ: яъне, озодӣ ҷузъе аз боробарӣ аст, ҳар вақте ки баробарӣ барпо шуд, инсон озод мегардад.

## Иттифоқи шариатҳои осмонӣ

Шариати ислом бо дигар шариатҳои осмонӣ мувофиқат мекунад, зеро ки масдарашон якест ва он якка ва ягона ибодат кардани Худованди мутаол аст. Ва дар масоили ақидавӣ низ муттафақанд ба монанди имон ба ғайб, ба расул ва зиндашудани баъд аз мурдан, ва ҷамъ шудан дар маҳшаргоҳ ва ғ. Ва инчунин дар қоидаҳои умумӣ низ муттафақанд, ба монанди подош дар амали солеҳ ва ҷазо дар амали бад. Ҳамчуноне, ки Аллоҳу таоло дар сураи Наҷм (36-41) мефармояд:

***36. Ё ба он чӣ дар саҳифаҳои (Тавроти) Мӯсо омада, хабар дода нашудааст.***

***37. Ё аз саҳифаҳои Иброҳим, ки ба он чи амр карда шуда буд. Иброҳим ба ҳамааш, вафо кард ва расонид?***

***38. Яке аз муҳимтарин аҳкоме, ки дар саҳифаҳои Мӯсо ва Иброҳим омадааст, ин аст, ки ҳеҷ кас бори гуноҳи дигареро бар дӯш намегирад.***

***39. Ва ин ки: барои мардум подоше ҷуз он чӣ худ касб кардаанд, чизи дигаре нест.***

***40. Ва тамоми саъю кӯшиши инсон дар рӯзи қиёмат дида мешавад. Ва ҷудо карда мешавад некиҳояш аз бадиҳояш.***

***41. Сипас инсон ҷазои пурра дода мешавад бар тамоми амалҳояш.***

Илова бар он дар ахлоқи хуб бо ҳам мувофиқат мекунанд, мисли силаи раҳм, некӯӣ бо волидайн ва тавозӯъ ва чанде аз тариқи ибодот ҳам мувофиқат мекунад, монанди намоз, закот ва ғайра.

**Фасли дуввум дар баёни риоя намудани эҳтироми худ:**

1. Даъват намудан ба ба ҷой овардани ҳуқуқҳои шахсият, баробар аст чи моддӣ бошад ё маънавӣ. Худованд дар сураи Шамс мефармояд:
   ***7 ва савганд, ба нафси одамӣ ва ба он ки некӯяш биёфарид,***
   ***8 сипас шинохти бадиҳову парҳезгориҳояшро[1] ба ӯ илҳом кард.***
   ***9 Ҳамоно касе, ки нафсашро пок дошт, наҷот ёфт.***
   ***10 Ҳамоно касе, ки нафсашро палид сохт ва онро дар маъсият одат дод, ҳалок шуд.***

   ва ҳамчунон дар ҳадиси шариф овардашудааст: "*Ва нафси ту бар ту ҳаққе дорад...*"
2. Даъват ба аҳмият додан ба воҷиботи нафс ва адо намудани вазифаҳои он, зеро ки нафси башарият махлуқе аз махлуқоти Худованд аст. Ва он дорои ҳуқуқ ва воҷибот аст, лозим аст, ки бояд байни ҳар як ҳуқуқ бо баробарӣ адо карда шавад. Дар ҳадиси шариф оварда шудааст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "*Пас бидеҳ ҳар соҳибҳақро ҳаққашро*" .

   Баъзе аз ҳуқуқҳои башарият он аст, ки монанди нӯшидан, хоб кардан, табобат кардан, зинат додан ва нафсашро аз азоби дунёву охират наҷот додан. Ва аз воҷиботаш тоати Худо ва расулашро дар он чи ки амр мекунад ва наҳй мекунад, ба ҷо овардан ва дур кардани онро аз тамоми анвои зулм....

   Дар ҳадиси шариф услубҳои адо намудани ҳаққи нафс баён шудааст. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: " Аз дунболи бадӣ, некӣ кун то онро маҳв созад."

   Ва дар ривояти дигар Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) оид ба риоя накардани ҳуқуқҳо ва воҷиботи нафси башарият сароҳатан манъ кардаанд. Аз Анас (разияллоҳу анҳу)ривоят аст, ки гуфт: Се шахс ба хонаҳои занони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада, аз ибодаташон пурсиш намуданд.Чун ба эшон гуфта шуд, гӯё

[1] *Роҳи баду некро*

онро кам шумурда, гуфтанд: мо бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)  чӣ баробарї карда метавонем, дар њоле, ки гуноњони гузашта ваояндаашон бахшида шуда. Яке аз эшон гуфт: ман њамеша дар тамоми умр тамоми шабро намоз
мегузорам, дигаре гуфт: ман тамоми умр рӯза мегирам ва саввумин гуфт: ман аз занҳо дурӣ ҷуста, ҳаргиз никоҳ намекунам. Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад, фармуд: Шумо ҳамон касоне ҳастед, ки чунин ва чунон гуфтед. Аммо ба Худо савганд, ки ман аз ҳамаи шумо аз Худо бештар тарсида ва аз ҳамаи шумо парҳезгортарам ва ман ҳам рӯза мегирам ва ҳам намегирам (мақсуд рӯзаи нафл аст), намоз мехонам ва хоб ҳам меравам ва занонро ба никоҳ мегирам ва касе, ки аз суннат ва тариқаи ман рӯй гардонад, аз ман нест.

## Мухотабаи ақлҳо

**Аҳмияти фаҳм ва идрок ва баёни онҳо**

Ҳамоно фаҳми дуруст ва солим яке аз бузургтарин неъматҳои Аллоҳ таоло бар бандагонаш мебошад. Бузургтарин неъматеро, ки Аллоҳ баъд аз неъмати Ислом бар бандагонаш ато намудааст, ин фаҳми дуруст аст. Фаҳми дуруст ва қасди солим яке аз пояҳои Ислом буда, бар он дин барқарор мебошад. Ба воситаи фаҳми дуруст ва қасди солим Худованди мутаол бандаашро аз роҳи гумроҳон ва ғазабкардашудагон наҷот медиҳад. Ҳамчунон ба сабаби фаҳми дуруст ва қасди солим Худованд бандагонашро ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва он роҳест, ки ба он амр карда шудаем ва дар ҳар як ракаати намоз онро мепурсем.

Фаҳми дуруст нурест, ки аз ҷониби Худованди мутаол дар дили бандагони дӯстдоштааш партофта мешавад. Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) омадааст, ки “Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу) маро дар маҷлиси хосси худ ва маҷолиси омма, ки дар он бузургони аҳли қурайш, муҳоҷирин, ансор ва аҳли Бадр иштирок мекарданд, даъват мекард, вале ин боиси нороҳатии баъзеи онҳо мешуд. Онҳо гуфтанд: чи гуна ҳамроҳи мо дар маҷлисҳои олӣ писарбачаи ҷавон иштирок менамояд?!

Ва ин сухан ба гӯши Умар (разияллоҳу анҳу) расид. Рӯзе ӯ ба ман гуфт дар фалон маҷлис ҳозир шав! Пас пайхас намудам, ки ӯ мехоҳад ба онҳо чизеро дарс бидиҳад. Он рӯз ман ҳозир шудам. Умар (разияллоҳу анҳу) ба онҳо суол кард: шумо дар маънои ояти ***(Чун ёрии Аллоҳ ва пирӯзӣ[2] бар кофирони Қурайш ояд)*** чи мегӯед? Яке аз онҳо гуфт: ҳар вақте ки нусрат ва пирӯзӣояд Худованд паёмбарашро ба истиғфору тасбеҳ амр кардааст. Ва дигарон чизе намегуфтанд. Пас Умар (разияллоҳу анҳу) назди ман омад ва гуфт: ту чи мегӯӣ эй Ибни Аббос? Гуфтам: ин оят ба хабари наздикшудани аҷали Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) далолат мекунад. (***Ҳар вақте, ки***

[2] *Фатҳи Макка*

***фатҳи Макка ба вуқуъ ояд ва Ислом пирӯз шавад пас ту ба истиғфор ва тасбеҳ машғул шав.)*** Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт: дуруст гуфтӣ ман ҳам чунин меҳисобам.”

Саволе ба миён меояд, Ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) аз куҷо дарк кард, ки ҳоло маънои ояти сураи Наср ягон далолат ба зоҳирӣ ва ботинии он намекунад.

***( 1 Чун ёрии Аллоҳ ва пирӯзӣ[3] бар кофирони Қурайш ояд***

***2 ва мардумро бубинӣ, ки гурӯҳ-гурӯҳ ба дини Аллоҳ медароянд,***

***3 Вақте ки чунин шуд, пас Парвардигори худро сипос гӯй ва аз Ӯ бахшоиш бихоҳ, ки Ӯ тавбапазир аст!)***

Ин нурест, ки Аллоҳ таоло онро дар дили бандааш Ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо), ба сабаби дуои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) андохтааст.

Ва фаҳми солимро омилҳоест, ки Худованд онҳоро дар сураи Наҳл ояти 78 баён кардааст.

***78. Аллоҳ шуморо аз батни модаронатон берун овард ва ҳеҷ чизро намедонистед. Ва бароятон чашму гӯшу дил биёфарид, то ки шукргузорӣ кунед.[4]***

Худованди мутаол дар ин оят аз шунавоӣ ва биноӣ ва ақл хотиррасон мекунад. Қуръон баёнгари он аст, ки ақл асоси мағзи фаҳм ва шиносоӣ бо Худо ва расулаш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст. Ва низ баён мекунад, ки ҳамаи мардум олиму ҷоҳил, нависандаву хонанда ҳама аз як ҷо аз батни модар хуруҷ мекунанд. Худованд бо ин се неъмати бузургаш ба мо миннат мекунад, то ки шукрашро ба ҷо орем. Маълум мешавад, ки ҳар кас то сабабҳои шукрро ба ҷо наорад шукргузор ба ҳисоб намеравад. Ва ҳар вақте ки ҳаққи онҳоро ба ҷо наорад, ношукр мешавад ва чи миқдоре, ки ба ҷо оварад мувофиқи он шукрашро ба ҷо овардааст ва илло ношукрӣ кардааст.

---

[3] *Фатҳи Макка*

*Яъне ақл дод, то неку бадро ҷудо намоед ва биноӣ дод, то бубинед ва якдигарро бишносед ва шунавоӣ дод, то бишунавед овозҳоро. Тафсири Табарӣ 17\265*

Ҳифзи хотираҳо эҳтиёҷ ба кори ақл дорад. Аллоҳ таоло инсонро ба ақл гиромӣ кардааст, то ин ки байни ҳаққу ботилро фарқ карда тавонад. Аллоҳ таоло бар ақлу идрок ташвиқу тарғиб намуда ва ба аҳли он мадҳу сано мегӯяд. Аллоҳ таоло дар сураи Сураи Алҳоққа ояти 11-12 мефармояд:

***(11. Мо он гоҳ, ки об аз ҳад гузашт ва бар ҳама чиз баланд шуд, шуморо бар сулби падаратон ба киштӣ савор кардем,***
***12. то наҷот додани мӯъминон ва ғарқ кардани кофиронро барои шумо панде қарор диҳем ва гӯшҳои шунаво онро бишунаванд ва ба ёд супоранд).***

Худованд иқоб кардааст касонеро, ки кофир шуданд ва тасдиқ накарданд. Аллоҳ таоло кофирони қавми Нуҳ (алайҳис-салом)-ро дар об ғарқ кунонд ва бар мӯъминони наҷотёфта миннат кард. Пас ҳамду сипос бигӯед Ӯро, ки шуморо аз золимон наҷот дод. Танҳо соҳибақлон метавонанд ба маъноҳои оятҳо сарфаҳм раванд.

Дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят шудааст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба дониш, фаҳм, ақл ва идрок тарғиб менамояд. “***Худованд равнақ бидиҳад бандаеро гуфтаи маро шунид, онро аз худ кард ва ба касоне, ки онро нашунидаанд таблиғ намуд. Бисёр касоне ки ҳомили илм ва ҳақиқатанд дар сурате, ки худашон аҳли он ҳақиқат нестанд (яъне он умқ ва маънои он ҳақиқатро дарк намекунанд) ва баъзе аз шунавандагон аз таблиғкунандагон бо идроку бо фаҳмтаранд***.” Ривояти Тирмизӣ 2658.

Ба дурустӣ оятҳои Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ бар бузург будани фаҳму идрок далолат мекунанд ва ба он тарғиб менамояд. Ҳамчуноне, ки Аллоҳ таоло дар сураи Тавба ояти 122 мефармояд:

***(122. Ва бар муъминон воҷиб нест, ки ҳамагӣ ба ҷиҳод, ё ба талаби дониш берун рафта ва дигарон боқӣ бимонанд ва ин гурӯҳе, ки берун рафтаанд, дониши судманде дар дин фаро гиранд, сипас чун боз гаштанд, боқимондагонро дар дини***

***Худованди мутаол бим диҳанд. Бошад, ки аз азоби Илоҳӣ битарсанд?.)***

Ва дар ҳадиси муттафақун алайҳ омадааст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: ***“Аллоҳ таоло ба касе хайреро бихоҳад, ӯро дар дин фақеҳ (доно) мегардонад.”***

Ин ҳадис комилан ташвиқ ба фақеҳ будан дар дин мекунад. Фақеҳ будан дар дин, саҳеҳ фаҳмидани тамоми динро дарбар мегирад на танҳо дар аҳкоми амалӣ, балки дар эътиқод, ибодат, муомилот, ахлоқ ва дигар он чизҳое, ки шомили дин аст.

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тамоми хайрро бар фақеҳ будан дар дин нисбат додаанд. Ва он далолат бар фазилату бузургӣ ва мартабаи фақеҳ мекунад.

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: “***Мардумон аз як гавҳаранд, беҳтарини онҳо дар замони ҷоҳилият, беҳтарин шуданд дар ислом замоне ки фақеҳ гаштанд.”***

Мусулмон вақте ки умури динро хело хуб фаҳмад ва дарк кунад, ва он чи ба манфиат ва зарари худ аст донад, дар он ҳолат фақеҳ мегардад. Фақеҳ парвардигорашро аз рӯи илм ва басират ибодат мекунад ва ин боиси саодату хушбахтии он дар дунёву охират мегардад.

Аз ҳамин лиҳоз манзалати муфаққиҳ дар дини Ислом бузург аст ва дар охират соҳиби подоши бузург мегардад.

## Ақл аз назари дини Ислом

Дуруст аст, ки Ислом барои озодии фикри инсон аз бандагиву ҷаҳолат ва озод кардани ақл аз зулумоти ҷаҳл ва нодонӣ ба сӯи нури басират ва андешидан раҳнамоӣ созад.

Доктор Сулаймон Дунё чунин гуфтааст: “*Агар инсон Қуръонро бихонад ва қаламу қоғаз ба даст бигирад ва шумораи калимаҳое, ки далолат ба ақл мекунад, бишуморад хоҳад дид, ки чи қадар Қуръон ба баҳс ва ҷойгоҳи ақл аҳамият дода ва онгоҳ дигар баҳси таорузӣ бо ақл ба зеҳнаш хутур нахоҳад кард”*. (Аттафкирул фалсафийю фил ислам саҳ.339)

Теъдоди лафзи ақл ба сурати феъл 49 маротиба зикр шудааст ва лафзи фикр низ ба сурати феъл дар 18 ҷои Қуръон зикр шудааст, ки дар ҳама ин оятҳо амр ба тафаккур ва таақкул шудааст. Ба монанди сураи Юсуф ояти 2

1. ***(Мо Қуръонро ба забони арабӣ нозил кардем, то ин ки шумо (эй арабҳо) маънои онро бифаҳмед ва он чиро, ки дар он аст, ба ақл дарёбед ва ба роҳнамудиаш амал намоед!)***

Ва сураи Ҳадид ояти 17 мефармояд:

***(17. Бидонед, ки ҳароина, Аллоҳ ба борон заминро пас аз мурданаш зинда мекунад. Инчунин қодир ҳаст бар зинда гардондани мурдаҳо дар рӯзи қиёмат ва қодир ҳаст дилҳои сахтро нарм гардонад. Ба таҳқиқ, Мо оётро бароятон ба равшанӣ баён кардем, то ин ки шумо хирад варзед!)***

ва сураи Ҳашр ояти 21 мефармояд:

***(16. Агар ин Қуръонро бар кӯҳе аз кӯҳҳо нозил мекардем, аз ваъдаву ваъидҳое, ки дар он Қуръон аст, кӯҳ бо сахтӣ ва маҳкамиаш аз хавфи Аллоҳ онро хоксор ва аз ҳам пошида медидӣ. Ва ин мисолҳоест, ки барои мардум меоварем, шояд дар қудрати Аллоҳ ва бузургиаш биандешанд).***

ва дар Бақара ояти 266 мефармояд: .

***(Оё касе аз шумо дӯст дорад, ки боғе аз дарахтони хурмо ва ангур дошта бошад ва зери он ҷӯйборҳо оби ширин равон бошад ва ӯро дар он боғ аз ҳар гуна меваҳо бошад ва дар ҳоле, ки пирӣ ӯро фаро гирад ва наметавонад ин гуна боғдорӣ кунад ва фарзандони заъиф ва нотавон дорад, наметавонанд ӯро ёрӣ кунанд. Ногаҳон гирдбоде, ки оташе дар он аст, бар он бивазад ва боғ бисӯзад?Инчунин Аллоҳ оётро барои шумо баён мекунад, то биандешед.)***

Ин оёт ва оятҳои зиёди дигаре бар ҳарис будани Ислом бар ин ки инсон худашро бо ақл ороста намояд ва доим бо фикр бошад, то ҳақ барояш баён шавад, далолат менамоянд. Қуръон, сариҳан ба ақл даъват менамояд, то ки дар оёти он тафаккур, тааммул ва таақкул кунем. Аллоҳ таоло дар сураи Аъроф ояти 185 мефармояд:

Аллоҳ таоло дар сураи Ториқ ояти 5 мефармояд:

***(Пас одамӣ, ки рӯзи аз нав зинда гардонидани баъд аз миронидanро инкор мекунад, бингарад, ки аз чӣ чиз офарида шудааст?)***

Аллоҳ таоло дар сураи Бақара ояти 259 мефармояд:

***(... Мо мехоҳем туро барои мардумон ибрате гардонем ва бингар, ки устухонҳоро чӣ гуна ба ҳам мепайвандем ва гӯшт бар он мепӯшонем»....)***

Аллоҳ таоло дар сураи Зориёт ояти 21 мефармояд:

***(Ва низ дар вуҷуди худатон нишонаҳои ошкоре ҳаст, ки далолат бар ягонагии офаридагори шумо мекунад ва танҳо Ӯ сазовори ибодат аст. Оё намебинед, то аз он ибрат бигиред?).***

Аллоҳ таоло дар сураи Саҷда ояти 27 мефармояд:

***(Оё надидаанд, дурӯғшуморандагони рузӣ қиёмат, ки ҳароина, Мо обро ба замини хушку бегиёҳ равона месозем, то киштзорҳо бирӯёнем чорпоёнашон ва худашон аз он бихӯранд? Оё ин неъматҳоро бо чашмони худ намебинанд? Пас бидонанд, ки Аллоҳ таъоло ин гуна чизҳоеро, ки падид овард, албатта бар зинда гардондани мурдаҳо қодир аст.)***

Ба ин хотир Аллоҳ таоло касонеро, ки тафаккур ва таақкул наменамоянд мазаммат мекунад ва онҳоро ҷоҳилу ғофил хитоб мекунад ва бо зишттарин сифатҳо онҳоро васф мекунад. Аллоҳ таоло дар сураи Юнус ояти 100 мефармояд:

***(Бе ҳукми Аллоҳ ҳеҷ кас наметавонад имон биёварад. Ва азобро бар касоне, ки хиради хеш ба кор намебаранд, муқаррар мекунад.)***

Ва дар ҷои дигар Аллоҳ таоло ҳоли кофирони саркаш бо Қуръонро баён мекунад. Кофироне, ки ба ақл паноҳ мебаранд, аммо ҳеҷгоҳ ба ақли солим ҳукм намекунанд, пас ҷазояшон

ҷаҳаннам хоҳад буд. Аллоҳ таоло дар сураи Анфол ояти 22 мефармояд:

***(Ба дурустӣ бадтарини ҷонварон дар назди Аллоҳ ин карону (касоне, ки ҳақро намешунаванд) гунгон (касоне, ки ҳақро намегӯянд) ҳастанд, ки ба ақл (амр ва наҳйи Аллоҳро) дарнамеёбанд).***

Ва дар сураи Мулк оятҳои 10 - 11 Аллоҳ таоло мефармояд:
***(10. Ва кофирон гӯянд: "Агар мо дар дунё ба шунавоии қабул мешунидем ё таъаққул (фикр) мекардем, мисли ҳақталабон, имрӯз дар зумраи дӯзахиён набудем."***

***11. Пас онҳо ба гуноҳи худ эътироф карданд ва ба сабаби куфрашон сазовори азоби дӯзах шуданд. Дур бод аҳли дӯзах аз раҳмати Аллоҳ).***

Бале ин оёти Қуръони Карим -китоби муқаддаси мусулмонон- аст, ки инсонҳоро ба ақлоният ва озод андеши мехонад ва касонеро, ки таaққул надоранд мавриди накӯҳиш қарор медиҳад.

Манҳаҷи Қуръон манҳаҷи ақлӣ аст ва сохтори он як сохтори мантиқӣ, ки байни сабабҳо ва мусаббабот, муқаддимаҳо ва натиҷаҳо иртиботе барқарор мекунад, то ақли инсонӣ бар шинохти баъзе аз асрори вуҷуд ва дифоъ аз ақидаи тавҳид қодир гардад. Ба ҳамин далел аст, ки мебинем бо аҳли адёни дигар то ба ҳуҷҷати балиғ фасоди эътиқодҳои онҳоро баён намояд. Масалан: бо бутпарастон чунин гуфтугузор менамояд. Аллоҳ таоло дар Сураи Соффот ояти 95 мефармояд:

***(Гуфт (Иброҳим ба қавмаш): «Оё бутҳоеро, ки худ метарошед бо дастонатон, мепарастед ва тарк мекунед ибодати Парвардигоре, ки шуморо халқ кардааст?)***

Оё мумкин аст, инсони оқил чизеро, ки сохтааст ва бо дастонаш онро тарошида ва шакл дода, бипарастад?! Ҳақиқатан касе шоистаи ибодат ва парастиш аст, ки Холиқ бошад ва бар махлуқоташ қодиру олим бошад, на ин ки махлуқ бошад. (Ад-далалату-л-ақлияту фи-л-Қуръон саҳ.85 , 98)

Ба ҳамин далел аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) асҳобашонро ба хотири машварат ва назархоҳӣ аз онҳо, ҷамъ менамояд, то ёронаш бо озодии комил ва истиқлоли фикр ба ироаи назариёти худ бипардозанд ва мебинем, ки шарҳи садри Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҳадде буда, ки бархе аз асҳоб аз ҳадди машварат низ пештар рафтаанд.

Достони фиристодани Муоз ибни Ҷабал (разияллоҳу анҳу) ба Яман низ худ гувоҳӣ бар озодии тафаккур ва тадаббур мекунад. Вақте Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мехоҳад, Муоз ибни Ҷабал (разияллоҳу анҳу)- ро ба Яман бифиристад, ба ӯ мегӯяд: Ба чӣ ҳукм мекунӣ? Муоз (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: Ба китоби Худованд ва агар дар он наёфтам ба суннати Расули Худо, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бори саввум мефармояд: агар дар суннат наёфтӣ? Муоз (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: иҷтиҳод мекунам.

Дар ин ҳангом Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Худоро шукр мекунад ва барои Муоз (разияллоҳу анҳу) дуои хайр мекунад. Ин иҷтиҳод кардани Муоз (разияллоҳу анҳу) метавонад оғози барои як тааққули озодии ислом бошад.

## Осониҳои ислом

**Баёни некӯиҳои дини Ислом**

Некӯиҳои исломӣ дарбаргиранда аст ҷамии масоил (усулӣ ва фуруӣ)-ро ва он чи далолат мекунад ба илмҳои шаръӣ ва кавнӣ. Оид ба ин илмҳо мисолҳои бисёрест.

Мисоли аввал: Ҳамоно дини Ислом қоим бар имон аст чуноне, ки Аллоҳ таоло дар сураи Бақара ояти 136 мефармояд:

> ***Эй мӯъминон ба яҳудиён ва насрониён бигӯед: «Мо ба Аллоҳ ва оёте, ки бар мо нозил шуда ва низ он чӣ бар Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва наберагонаш нозил шуда ва низ он чӣ ба Мӯсо ва Исо фиристода шуда ва он чӣ бар паёмбарони дигар аз ҷониби Парвардигорашон омадааст, имон овардем. Миёни ҳеҷ як аз паёмбарон фарқе намениҳем ва ҳама дар баробари Аллоҳ бо тоъату ибодат таслим ҳастем».***

Ин усулест, ки ҷамии паёмбарон (алайҳимуссалом) иттифоқ ҳастанд. Ва ҳаммаи эътиқоди паёмбарон (алайҳимуссалом) имон овардан ба ҳар он чи, ки Аллоҳ таоло ба забони паёмбаронаш худашро васф кардааст. Пас асоси дин, имон ба Аллоҳ таолост ва самараи он ба ихлос саъю кӯшиш кардан дар ҳар он чизе ки Ӯ дӯст медорад ва розӣ аст.

Мисоли дуввум: Ислом дорои ибодатҳоест ба монанди намоз, закот, рӯзаи рамазон ва ҳаҷҷи байтуллоҳ. Шахсе, ки ба намоз назар кунад мебинад, ки он аз афзалтарин амалҳост ва онро дар як рӯз 5 маротиба хонда мешавад, касе ки тавони қоим истоданро надорад, пас нишаста хонад ва агар нишаста натавонад ба паҳлӯ намоз бихонад. Ё ки ба таҳорат назар кунад дар ҳолати набудани об, ё зарар расад дар истифодаи он, пас таяммум мекунад. Аммо рӯза, одаме, ки муқиму қодир аст рӯза медорад ва агар бемор ё мусофир бошад рӯза намедорад.

Яке аз сифатҳои накӯи Ислом ин Закот додан ин нишонаи саховатмандӣ ва дӯрӣ аз бахилӣ аст, ки он барои салоҳияти ҳоли

фуқаро ва масокин ва наҷоти қарздорон фарз шудааст. Аллоҳ таоло дар сураи Тавба ояти 60 мефармояд:

***Садақот (закоти фарзӣ) барои фақироне, ки чизеро аз мулк соҳиб нестанд ва барои мискиноне, ки дар зиндагӣ эҳтиёҷмананд ва барои коргузорони ҷамъоварии закот аст. Ва низ барои онҳое ки дилҳояшон моил карда мешавад ба Ислом[5] ва барои озод кардани ғуломону қарздорон ва харҷ дар роҳи Аллоҳ ва мусофирони мӯҳтоҷ ва он ҳукм фаризаест аз ҷониби Аллоҳ. Ва Аллоҳ ба маслиҳати бандагонаш доно ва дар таъин кардани фаризаи закот ҳаким аст!***

Яке аз бузургтарин некӯиҳои дини Ислом дар айёми Ҳаҷ сарф кардани амвол, таҳаммули машаққатҳо барои ризои Аллоҳ таоло, ба ёд овардани аҳволи паёмбарон, шиносоӣ байни мусулмонон ва иттифоқашон бар маслиҳатҳои хосса ва омма мебошад. Чуноне ки Аллоҳ таоло дар сураи Ҳаҷ ояти 27-28 мефармояд:

***27. Ва эй Иброҳим, мардумро ба воҷиб будани ҳаҷ даъват кун, то пиёда ё савор бар шутурони лоғар, ки асари заҳмати сафар онҳоро хаста кардааст, аз роҳҳои дур назди ту биёянд.***

***28.То шоҳиди манфиатҳои худ бошанд; аз омӯрзиши гуноҳҳо ва аз савобҳои қурбонӣ ва тоъату савдоҳояшон. Ва номи Аллоҳро дар рӯзҳое муъайян (даҳаи аввали зулҳиҷҷа ва серӯзи пас аз он) ба ҳангоми забҳи чорпоён; (аз шутур, гов ва гӯсфандон), ки Аллоҳ ризқи рӯзии онҳо сохтааст, ёд кунанд. Пас аз онҳо бихӯреду бенавоёни фақирро низ таъом диҳед.***

мисоли саввум: шариат тарғиб мекунад бар муттаҳидӣ ҳамдӯстӣ ва наҳй мекунад аз парокандагӣ ва ихтилофот. Чуноне ки Аллоҳ таоло дар сураи Оли Имрон ояти 103 мефармояд:

---

[5] *Аз сабаби заъиф будани имонашон.*

***Ва ҳамагон ба ресмони Аллоҳ (яъне Қуръон) чанг занед ва пароканда нашавед ва аз неъмате, ки Аллоҳ бар шумо арзонӣ доштааст, ёд кунед: он ҳангом, ки эй мӯъминон душмани якдигар будед ва Ӯ дилҳоятонро ба муҳаббати худ ва расулаш ҷамъ карда бо ҳам меҳрубон сохт ва ба лутфи Ӯ бародар шудед. Ва бар лаби чоҳе аз оташ будед, Аллоҳ шуморо аз он ба сабаби исломатон бираҳонид. Аллоҳ оёти худро барои шумо инчунин баён мекунад, то ҳидоят ёбед ва гумроҳ нашавед.***

Албатта касе андак маърифату шиносоӣ бо Ислом дошта бошад медонад, ки шариат аз манфиатҳои динӣ ва дунявӣ холӣ нест ва он дур кунандаи фасоду зарарҳост. Пас маълум аст, ки асоси қувваи шариат қоим бар маънавиёт аст. Аз ҳамин лиҳоз мусалмонон дар садри Ислом дар динашон устувор буданд ва ба иззату комёбиҳо ноил шуданд. Умар (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: "***Мо хортарин қавм будем, пас Аллоҳ таоло ба Ислом моро соҳиби иззат кард. Пас кадом вақте ки мо иззатро аз ғайри Ислом ҷӯстем Аллоҳ таоло моро хор мегардонад***."

Мисоли чаҳорум: Дини Ислом дини раҳмат, баракат ва эҳсон аст, ки ҳамеша ба манфиати инсон тарғиб мекунад. Ва он динест ки дилҳоеро ба худ ҷалб намуд, ки пеш аз донистани ислом сахтарин душман буданд ва баъзеи онҳоро аз бузургтарин авлиё гардонид. Чуноне ки Аллоҳ таоло дар сураи Мумтаҳина ояти 8 мефармояд:

Ва инчунин дар сураи Оли Имрон ояти 159 мефармояд:

***Ба сабаби раҳмати Аллоҳ аст, ки эй Паёмбар ту бо онҳо инчунин хушхӯю меҳрубон ҳастӣ. Агар дуруштхӯву сахтдил мебудӣ, аз гирди ту пароканда мешуданд. Пас онҳоро аз он чизе ки дар ҷанги Уҳуд карданд, бубахшой ва барои онҳо аз Аллоҳ омӯрзиш бихоҳ ва дар корҳо бо онҳо машварат***

***(маслиҳат) кун ва чун қасди коре кунӣ, бар Аллоҳ таваккал кун, ки Аллоҳ таваккалкунандагонро дӯст дорад.***

Ва инчунин дар сураи Анбиё ояти 107 мефармояд:

***Ва нафиристодем туро эй Расул ҷуз он, ки ба мардуми ҷаҳон раҳмате арзонӣ дорем. Пас касе имон овард ба ту некбахт гашт ва наҷот ёфт ва касе ки имон наовард ноумед гашт ва зиён дид.***

Дар Саҳеҳайн аз Усома ибни Зайд (разияллоҳу анҳума) ривоят шудааст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: “ ***Ҳамоно Худованд аз бандагонаш раҳмкунандагонро раҳм мекунад***.”

Мисоли панҷум: ва дигаре аз ахлоқҳои ҳамидаи исломӣ ин аст, ки он чиро ки ҳаром гардонидааст бар ивази он беҳтареро ҳалол гардонидааст. Мисол риборо ҳаром гардонид, бар ивази он тиҷоратро ҳалол гардонид. Қиморро ҳаром гардонид, бар ивазаш хурдани моли мусобиқаро ҳалол гардонид ва хамрро ҳаром гардонд ва бар ивазаш машруботи фоиданокро ҳалол гардонид.

Мисоли шашум: дини мубини ислом дини ҳикмату ақл ва фитрату солоҳ ва пирузӣ аст. Ҳамаи ин комёбиҳо аз усул ва фуруе ки фитрати солим ва ақл онро қабул медорад, сарчашма мегирад. Ва он дорои аҳком ва низоме, ки дар ҳар замону макон салоҳият дорад. Ҳамаи хабарҳояш ҳаққу рост мебошад. Чуноне ки Аллоҳ таоло дар сураи Фуссилат ояти 53 мефармояд:

***Ба зудӣ, ба ин мункирон нишон хоҳем дод нишонаҳои қудрати худро: аз футуҳот ва зоҳир шудани Ислом дар атрофи олам ва дар вуҷуди худашон, то барояшон возеҳу равшан шавад, ки ҳароина, Қуръоне, ки аз назди Парвардигори оламиён ваҳй шудааст, ҳақ аст. Оё кофӣ нест барои онҳо гувоҳии Парвардигори ту, бар ин ки Қуръон ҳақ аст ва касе, ки онро овардааст ростқавл аст. Пас ба дурустӣ, Ӯ таъоло ба ҳақ ва бар ҳама чиз шоҳидӣ додааст. Ва шаҳодати Ӯ таъоло аз ҳама шаҳодатҳо бузургтар аст.***

Муҳаққиқон таҳқиқи кардаанд, ки ҳар илми нофеи динӣ ё дунявӣ ё сиёсие, ки мавҷуд аст қуръон далелели қатъӣ бар он меоварад. Аллоҳ таоло дар сураи Анъом ояти 38 мефармояд:

38. ***Ҳеҷ ҷонваре дар рӯи замин нест ва ҳеҷ паррандае бо болҳои худ дар ҳаво пар намезанад, магар он ки чун монанди шумо умматҳое ки халқияташон мисли шумо, ҳастанд. Мо дар ин китоб (яъне дар "Лаҳву-л- маҳфуз") ҳеҷ чизеро тарк накардаем. Сипас тамоми мардумонро барои ҳисобу китоб дар назди Парвардигорашон гирд меоваранд.***

Ин дине нест, ки садди роҳи ақлҳо гардад, балки ақлҳоро тарбият мекунад ва ақлҳои тоза ба сидқ, нафъ ва салоҳияти он шаҳодат медиҳад. Ҳамаи амрҳову наҳйҳояш адл ҳастанд, зулме дар он дида намешавад. Ҳар чи ки амр намудааст хайр аст ва ҳар чи ки наҳй кардааст шарр аст. Шахси боақл агар дар аҳкоми Ӯ таоло андеша кунад, имонаш зиёд гардад, ё ки медонад, он аз назди зоте, ки Ӯ ҳакиму ҳамид аст, нозил шудааст. Чуноне ки Аллоҳ таоло дар сураи Ҳуд ояти 1 мефармояд:

***Алиф, Лом, Ро. ин қуръон китобест, ки бар бандааш Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), нозил шудааст. Оятҳояш устувор, пок аз ҳар гуна нақсу камбудиҳо. Сипас бо амру наҳй возеҳу равшан карда шудааст ва бо ҳалолу ҳаром ва савобу азоб баён карда шудааст; аз ҷониби Аллоҳи ҳакиме, ки корҳояш аз рӯи кордонӣ аст ва аз оқибати онҳо огоҳ аст.***

Ва дар сураи Нисо ояти 82 фармудааст:

***Оё дар маънои оятҳои Қуръон тафаккур намекунанд! Ва агар аз ҷониби ғайри Аллоҳ мебуд, дар он ихтилофи зиёде меёфтанд ва чун аз ҷониби Аллоҳ аст дар он аслан ихтилофе вуҷуд надорад.***

Ва низ дар сураи Мулк ояти 14 мефармояд:

***Оё касе, ки ҳамаи мавҷудотро офаридааст, халқияти онро хуб ва маҳкам кардааст, пас чӣ гуна аз ҳоли онҳо намедонад? Дар ҳоле, ки Ӯ нозукбину огоҳ аст ба аъмоли бандагонаш.***

Ин динро Аллоҳ таоло комил гардонидааст ва то рӯзи қиёмат эҳтиёҷ ба дигаргуниҳо надорад. Чуноне ки Аллоҳ таоло дар сураи Моида оят 3 мефармояд:

***Имрӯз (яъне рӯзи Арафа) кофирон аз бозгашти шумо аз дини хеш ноумед шудаанд. Аз онон матарсед, аз ман битарсед. Имрӯз дини шуморо бо Қурону суннат ба камол расонидам ва неъмати худ бар шумо тамом кардам ва Исломро ҳамчун дин барои шумо интихоб намудам.***

**Донистани фоидаҳо ва некӯиҳои дини Ислом:**

1. Машғул шудан дар мавзӯъи некӯиҳои дини Ислом, ки он аз бузургтарин амалҳои солеҳ ба шумор меравад. Беҳтарин чизе, ки банда барои худ вақташро сарф намудааст: ин донистан, баҳс кардан, тафаккур кардан дар он ва ҳар як роҳе, ки ба шиносоии он мебарад.
2. Мардум дар боби имон ва камоли он гуногунанд, ҳар қадаре, ки банда ба ин дин шиносоӣ пайдо кунад, эҳтиромаш нисбати он зиёд ва имонаш комил гардад.

## Намуна аз ҳаёти саҳобаҳо

### Ном ва насаб, куня ва лақабҳои Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу)

**Насаби ӯ:** Абдулло ибни Усмон ибни Омир ибни Амр ибни Каъб ибни Саъд ибни Тайм ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб қурайшӣ таймӣ аст.

**Кунияи ӯ:** Абубакр (маъноящ шутури ҷавон аст)

**Лақаби ӯ:**

1. **Атиқ.** Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ӯро ба ин лақаб номидаанд. Яъне, “Ту атиқи Худо аз оташ ҳастӣ” Маъноящ: (бандаи озодшудаи Худо ҳастӣ). (Саҳеҳ ибни Ҳаббон 15\280 исноди ин ҳадис саҳеҳ аст.) Дар хабар омадааст, ки ҳеҷ як аз фарзандони модари Абубакр зинда намемонд. Пас модараш рӯ ба Каъба дуо кард: “Ин бача атиқ ва раҳоёфтаи Ту аз марг аст, пас ӯро ба ман бубахш ва бароям зиндааш бидор”.
2. **Сиддиқ:** дар ҳадиси Анас (разияллоҳу анҳу) омадааст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)  ҳамроҳи Абубакр, Умар ва Усмон болои куҳи Уҳуд баромаданд, ногоҳ кӯҳ ларзид, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: “Эй Уҳуд ором ва беҳаракат бош, ки бар болои ту Паёмбар, Сиддиқ ва ду шаҳид ҳастанд”. (Бухорӣ 5\11). Яке аз далелҳои мулаққаб шудани Абубакр (разияллоҳу анҳу) ба лақаби Сиддиқ ҳодисаи исро ва меъроҷ буд. Гурӯҳе аз мушрикон ба назди Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) рафта гуфтанд: Оё медонӣ, ки дӯсти ту (Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ) чи гуфта ва ӯро чи шудааст? Ӯ гумон мекунад, ки ӯро дар як шак ба Масҷидулақсо бурдаанд!. Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) гуфт: “Оё воқеан чунин гуфт?” Гуфтанд: оре, абӯбакр фармуд: “агар Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чунин фармудаанд, бегумон рост гуфтаанд ва ончи аз ин ҳам дуртар ва аҷибтар аст бовар мекунам”.

3. **Соҳиб** (ёр, рафиқ, ҳамдил...)
   Аллоҳ таоло дар Қуръони Карим дар сураи Тавба ояти 40 ин лақабро ба Абӯбакр ниҳодааст. **(... Чун ин ду кас (Паёмбар ва Абубакр ) дар ғор буданд, он гоҳ Паёмбар (саллалоҳу алайҳи ва саллам), ки ба ёри худ мегуфт: “Ғам махӯр, Аллоҳ бо мост”...)**
4. **Атқо** (парҳезгортар)
   Худованд дар сураи Лайл ояти 17 Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) ро ба ин лақаб ном бурдааст. **(Ва парҳезгортарин инсонҳо аз ин оташи сӯзон, эмин хоҳад монд).**
5. **Аввоҳ** (нармдил ва касе ки Худовандро ба тазарруъ дуо кунад).
   Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) ба лақаби аввоҳ (нармдил ва зорикунанда) номида шуда, ки ҳамин унвон далели худотарсӣ ва тавозӯи ӯ бар муқобили Аллоҳ таоло аст. Иброҳими Нахаӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) мегӯяд: Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) аз он ҷиҳат ба лақаби аввоҳ номида шуд, ки ӯ бисёр нармдил будааст. (Табақоти кубро (3\171).

**Тавллуди ӯ:**

Уламо дар бораи таваллуди Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) пас аз Омулфил ихтилофе надоранд, аммо бар сари ин ки таваллуди ӯ чанд вақт пас аз Омулфил мебошад, ихтилоф доранд. Бархе гуфдаанд: Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) се сол пас аз омулфил тавваллуд шудааст. Ва гурӯҳи дигар мегӯяд, ки дувву ним сол ва ё ду солу чанд моҳе пас аз Омулфил тавваллуд шудааст. (Сират ва ҳаёти Сиддиқ 29 ва Таърихи хулафои рошидин 56). Ба ҳар ҳол Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) дар оғӯши падару модаре, ки дар миёни қавмашон дорои ҳурмату иззат буданд, ба хуби парвариш ёфт ва ҳамин боис шуд, то Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) низ дар миёни қавми худ шахси мӯътабар гашт. (Таърихи даъват ба Ислом дар аҳди хулафои Рошидин 30).

**Хонаводаи ӯ:**

Падари ӯ Усмон ибни Омир ибни Амр бо куняи Абуқаҳофа буд, ки дар фатҳи Макка мусалмон шуд. Ва модари ӯ Салмо бинти Сахр ибни Амр ибни Каъб ибни Саъд ибни Тим бо куняи Уммулхайр аст, ки аз мусулмонони нахустин ба шумор меравад.

**Мусулмон шудани Абӯбакр (разияллоҳу анҳу).**

Абӯбакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) дар даврони ҷоҳилият дорои басират, ҳушёрӣ, ақли солим ва истеъдоди дурахшон, ки тамоми вуҷудашро фарогирифта буд тавонист, ки  дар бораи паёмбари охиратзамон илму маърифат пайдо кунад. Ба ӯ расида буд, ки сифати он паёмбар бар касе зулм намекунад ва бар касе зулм раво намебинад. Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) худ мегӯяд: замоне ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мабъус шуданд ва ман имон овардам ва тасдиқаш кардам зеро ки ӯ дорои тамоми авсофи нек буд. (Таърихи хулафо аз Суютӣ 52).

**Мусулмон шудани гурӯҳе аз бузургони Қурайш ба василаи даъвати Абӯбакр (разияллоҳу анҳу)**

Гурӯҳе аз бузургони Қурайш ки дорои манзалату мақоми бузурге буданд ба асари таблиғот ва даъвати Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) мусулмон шуданд. Аз ҷумла: Усмон ибни Аффон, ЗУбайр ибни Аввом, Абдураҳмон ибни Авф, Саъд ибни Абӯваққос, Талҳа ибни Убайдуллоҳ бо онҳо назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада имон оварданд.

Пас аз ин гурӯҳ дастаи дигаре аз мардумони қурайш, ки дорои манзалати бузург буданд низ имон оварданд. Аз ҷумла: Убайда ибни Ҷарроҳ, Арқам ибни Абуарқам, Усмон ибни Мазъун, Убайда ибни Ҳорис ибни Матлаб, Саид ибни Зайд, Хаббоб ибни Арат, Абдуллоҳ ибни Масъуд, Аммор ибни Ёсир, Суҳайб ва дигарон Худованд аз онҳо хушнуд бод.

**Фазилатҳои Абӯбакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу)**

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ҷамъи асҳоб нишаста буданд ва аз онҳо пурсиданд:

- Кӣ имрӯзашро бо рӯза доштан гузаронид? Дарҳол Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) гуфт: Ман, эй Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) . Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсиданд:

- Кӣ аз шумо имрӯз намози ҷаноза гузорид? Боз дарҳол Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) гуфт: Ман, эй Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам). Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсиданд:

- Кӣ аз шумо имрӯз мискинеро таъом дод? Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) гуфт: Ман, эй Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) . Боз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсиданд:

- Кӣ аз шумо имрӯз ба аёдати беморе рафт? Боз ҳам Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) гуфт: Ман, эй Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) . Сипас, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд: Ҳар шахсе, ки дорои чунин хислатҳост, ҳатман ӯ дохили ҷаннат мегардад. (Муслим 1028).

## Хилофати ҳазрати Абӯбакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу)

Ҳангоми шунидани хабари вафоти Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар назди Сақифаи бани Соида намояндагон аз ҳар қабила ҷамъ омада буданд ва чунон байни ҳам омехтаю бисёр буданд, ки ҷойи сӯзанзанӣ ёфт намешуд. Садоҳои онҳо низ хело пурошӯб ба гӯш мерасид, дар ниҳояти амр, суханҳо ба шуру ғавғо табдил ёфтанд. Ансор (аҳли Мадина) мегуфтанд: аз мо як амир ва аз шумо як амир сипас Умар (разияллоҳу анҳу) аз ҷойи худ бархост ва чунин гуфт: ду шамшер дар як ғилоф ҳаргиз намеғунҷад. Ва ба ҳазрати Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) наздик шуд ва аз дасти муборакашон гирифт ва бо садои баланд

ба ибрози фазилатҳои Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) оғоз намуд ва чунин гуфт:  Кӣ дорои ин се фазилат аст?

1. ***«…Ҳангоме, ки мегуфт бо ҳамсӯҳбаташ …»*** (Сураи Тавба ояти 40)

- Кист он ҳамсӯҳбаташ? Ҳама гуфтанд:  Абубакри сиддиқ (р). Сипас Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт:

2. ***«…Ҳангоме, ки буданд дар ғор….»*** (Сураи Тавба ояти 40)

- Кӣ буданд он ду нафар? Ҳама гуфтанд:  Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)  ва Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) Пас, Умар (разияллоҳу анҳу) гуфт:

3. ***«…Худованд бо мост ..»*** (Сураи Тавба ояти 40) Ҳамроҳи кӣ? Ҳама гуфтанд: Ҳамроҳи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва Абубакр (разияллоҳу анҳу) . Пас аз ин калимот, Умар (разияллоҳу анҳу) ба онҳо хитоб намуда чунин гуфт:

- Пас, кадоме аз шумо мехоҳад (дар хилофат) аз Абубакр (разияллоҳу анҳу) пешдастӣ намояд? Ҳама гуфтанд: Аз Худо паноҳ металабем дар пешдастӣ намудан ба ин амр аз Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу). Пас, Умар (разияллоҳу анҳу) пеш омад ва рӯ ба рӯйи Абубакр (разияллоҳу анҳу) истод ва чунин гуфт:  Дастатро бидеҳ то бо ту байъат кунам (яъне даст диҳам, ки ба хилофати ту розиям ва туро итоат мекунам).

Чун Умар (разияллоҳу анҳу) байъат намуд, баъди ӯ ҳама аз ҷойҳои худ бархостанд ва бо ҳазрати Абубакри сиддиқ (разияллоҳу анҳу) байъат намуданд. Ин беҳтарин байъат буд ва он маросимро хело зебо анҷом доданд. (Фазоили саҳоба Насоӣ 56 ва Ал Ҳоким 3/67).

## Ном ва насаб, куня ва лақабҳои Умар (разияллоҳу анҳу)

**Насаби ӯ**: Умар ибни Хаттоб ибни Нуфайл ибни Абдулуззо ибни Рабоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Фарт ибни Разоҳ ибни Удай ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни қурайшӣ адавӣ аст. Ва нашабаш дар Каъб ибни Луай бо насаби Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) як мешавад.

**Кунияи ӯ**: Абуҳафс ва лақабаш Форуқ аст, зеро ӯ нахустин касе аст, ки Исломро дар Макка ошкор сохтаз ҳамин лиҳоз Аллоҳ таоло ба сабаби ӯ миёни ҳаққу ботил ва ислому куфр ҷудоӣ андохт

**Таваллуди ӯ:** сездаҳ сол пас аз соли Фил  чашм ба чаҳон кушод. Падараш Хаттоб ибни Нуфайл ва Ҳантама бинти Ҳошим ибни Муғира мебошад.

**Мусалмон шудани Умар (разияллоҳу анҳу)**

Мусулмон шудани Умар (разияллоҳу анҳу): моҳи Зулҳиҷҷа, соли шашуми биъсат , дар синни 27 солагӣ ва се рӯз пас аз мусулмон шудани Ҳамза (разияллоҳу анҳу) ба Ислом мушарраф гардид. Дар он замон теъдоди мусулмонон 39 нафар буданд.

Нахустин фурӯғи имон замоне дар дили Умар (разияллоҳу анҳу)  партав авканд, ки занони мусалмонони Қурайшро мушоҳида намуд, ки ба сабаби озорҳои вай ва амсолаш ба ҳиҷрат ва тарки шаҳру диёри худ мешуданд. Мушоҳидаи ин саҳна боис шуд, ки қалби Умар битапид ва худро сарзаниш намояд. Чунончи Умми Абдуллоҳ бинти Ҳантама мегӯяд: замоне, ки мо қасди ҳиҷрат ба Ҳабашаро доштем Умар (разияллоҳу анҳу)  омад ва гуфт: эй Умми Абдуллоҳ! Оё раҳсипори сафар ҳастӣ? Гуфтам: оре. Ба Худо савганд ба сабае ки моро азият ва озор медиҳед хонаҳои худро тарк мекунем ва дар замини Худо ҳиҷрат менамоем, то Худованд барои мо кушоише иноят фармояд. Умар гуфт: Худо ёратон бод. Ин бону дар идома мегӯяд: дар он ҳангом

аз Умар (разияллоҳу анҳу)  ончунон мулоимдилие мушоҳида намудам, ки пештар ҳаргиз надида будам.ҳангоме ки Омир ибни Рабиа омад воқеаро барояш бозгӯ намудам. Гуфт: гуё ту ба мусалмон шудани Умар (разияллоҳу анҳу)  дил бастаӣ? Гуфтам: оре. Гуфт: ҳаргоҳ хари Хаттоб мусалмон шавад Умар ҳам ислом хоҳад овард. (Сирати Ибни Ҳишом 1\216) ва Фазоили саҳоба аз Имом Аҳмад 1\341 бо санади ҳасан.

Ба ҳар ҳол ки Умар (разияллоҳу анҳу) ба баракати дуои Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) имон овард, зеро ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар мавриди Умар дуо карда гуфта буд: “бор Худоё ҳар як аз ин ду мардро, ки Худ меписандӣ, сабаби сарбаландии Ислом бигардон: Абуҷаҳл ибни Ҳишом, ё Умар ибни Хаттоб” Саҳеҳ Тирмизӣ (2907)

Абдуллоҳ ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: Пас аз он, ки Умар  (разияллоҳу анҳу) мусулмон шуд мо эҳсоси иззат ва сарфарозӣ мекардем. Мо қабл аз мусулмон шудани Умар (разияллоҳу анҳу) наметавонистем, хонаи Каъбаро тавоф намоем ва дар Масҷид ул ҳаром намоз бихонем. Аммо Умар (разияллоҳу анҳу) пас аз он, ки мусулмон шуд бо мушрикон даргир шуд бадинсон мо метавонистем, дар канори Каъба намоз гузорем ва онро тавоф намоем. (Фазоили Саҳоба 1\344 бо санади ҳасан)

**Ҷасорати Умар (разияллоҳу анҳу):**

Абдуллоҳ ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) аз ҳазрати Алӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят карда мегӯяд: ман ҳеҷ як а муҳоҷиронро ба ёд надорам ки ошкоро ҳиҷрат намуда бошад ҷуз Умар ибни Хаттоб, ки ҳангоми ҳиҷрат шамшеру  камон ва найзаеро бо чанд тире бо худ гирифт. Ва онгоҳ ба назди Каъба рафта ва онро ҳафт маротиба тавоф кард ва дар мақоми Иброҳим алайҳиссалом ду ракаат намоз гузорид. Сипас ба қурайшиҳое, ки дар атрофи ӯ ҷамъ омада буданд, чунин гуфт: Чеҳраҳоятон сиёҳ бод, ва Аллоҳ таоло биниҳои шуморо ба хок бимолад! Ҳар кас, ки бихоҳад модараш ба навҳаву нола ояд, ҳамсараш бева гардад ва фарзандонаш ятим бимонанд, ман пушти ин водӣ мунтазири ӯ

ҳастам. Алӣ (разияллоҳу анҳу) мегӯяд: ҳеҷ як аз қурайшиҳо ҷуръат накарданд, дунболи ӯ раванд фақад теъдоде аз мусулмонони заиф барои хайрухуши Умар (разияллоҳу анҳу) ба дунболаш рафтанд.

Фаросати Умар (разияллоҳу анҳу) дар мавриди Абумуслими Хавалонӣ

Имом Заҳабӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) дар ривояте, нақл кардааст, ки Асвади Ансӣ дар Яман даъвои паёмбарӣ кард ва Абӯмуслими Хавалониро ҳозир кард ва ӯро дар оташи бузург андохт Абӯмуслим аз он оташ ҷон ба саломат бурд. Атрофиёни Асвад ба ӯ гуфтанд: агар ин мардро аз ин ҷо дур накунӣ пайравонатро мунсариф хоҳад кард. Асвад ночор ӯро аз Яман бадарға кард Абӯмуслим раҳсипори Мадинаи Мунаввара шуд ва чун онҷо расид дар канори масҷиди паёмбар аз маркаб поён омад ва вориди масҷид шуд. Умар (разияллоҳу анҳу) ба сӯи ӯ рафт ва гуфт: Аз куҷо меоӣ? Абӯмуслим гуфт: аз Яман. Пурсид: аз марде, ки он дурӯғгӯй ӯро дар оташ андохт чи хабар дорӣ? Абӯмуслим гуфт: он шахс Абдуллоҳ ибни Савб ном дорад. Умар (разияллоҳу анҳу) ӯро шинохт ва гуфт: Туро ба Худо савганд! Худат нестӣ? Абӯмуслим гуфт:  бале. Умар (разияллоҳу анҳу) ӯро дар оғӯш гирифт ва ба гиря афтод. Сипас ӯро назди Абӯбакр (разияллоҳу анҳу) бурда ва гуфт: Худоро шукр ки намурдам ва дар уммати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шахсеро дидам, ки ҳамчун Иброҳими халил дар оташ партофта шуд. (Асҳоби расул 1\137).

## Сафар ба Мадинаи Мунаввара

Шахсе, ки ба ҷои муқаддас сафар мекунад, бояд сафаркунанда нияташро холис кунад. Худованд, ҳатто ба Паёмбараш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чунин дастур додааст, ки диншро барои Ӯ холис гардонад.

(***Бигӯ: "Ҳароина ман фармуда шудаам, ки парастишро барои Худо холис сохта, Ӯро ибодат кунам***") Зумар 11

Маънои холис будани ният, яъне амал аз барои Худо бошад ва аз ширку риё пок бошад. Самараи холис будани ният дар он аст, ки амал бидуни он назди Худованд мақбул нест. Зеро Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд: "***Худованд қабул намекунад амалеро, ки дар он ихлос ва ризогии Ӯ набошад*"**. (Ривояти Насоӣ).

Бо вуҷуде, ки дар амал ихлос бошад, басанда нест, то амал мувофиқи нишондоди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) набошад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дастур додаанд, ки : **"*Касе амалеро анҷом медиҳад, ки бар он амал дастури мо дода нашудааст, он амал мавриди қабул нест*".** (Ривояти Муслим).

## Хатари риё

Ҳаҷ ва умра аз бузургтарин амалҳоест, ки Шайтон ҳаракат мекунад, ки савобро ба сабаби риё барбод диҳад. Риё он аст, ки банда амалашро зиннат медиҳад ва нишон медиҳад, ё ки мешунавонад. Масалан "*Ман ҳаҷҷи хонаи Худо кардам*", то мардум ӯро мадҳу сано гӯянд ва ба номи ***"ҳоҷӣ"*** ном гиранд.

Риёкор бар амали кардаи худ савоб намегирад. Паёмабар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Аллоҳ таъоло мефармояд: "***Ман аз шарик овардан безор ҳастам, касе ки***

***амалеро анҷом диҳад ва дар он амал ғайр аз Ман касеро шарик оварад, худашро ва ширкашро тарк намоям***”. (Ривояти Муслим)

**Пешгирӣ аз риё**: ба ихлос дуо кардан, азамат ва бузургии Худоро ба ёд овардан, яқин донистан, ки халқ заифу нотавон аст, башар ҳаргиз ба ту нафъ оварда наметавонад, магар ба он чи Худованд барои ту китобат кардааст. Ва амалҳои солеҳи худро назди мардум пинҳон доштан ва назди Парвардигор онҳоро захира намудан аст.

**Шахсе иродаи Мадинаи Мунаввара мекунад, чӣ ният бояд кард?**

Зиёраткунанда фақат танҳо ният ба зиёрати Масҷиди Набавӣ кунад. Аммо баъди зиёрати Масҷиди Набавӣ метавонад қабри Паёмабар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), масҷиди Қубо, қабристони Бақеъ ва шаҳидони Уҳудро зиёрат кунад. Ният аз барои зиёрати се масоҷид савобро дучандон мегардонад, бинобар фармудаи Паёмабари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) : ***“Сафар кардан ҷоиз нест, магар ба се масоҷид: ҳамин масҷиди ман ва масҷиди Ҳаром ва масҷиди Ақсо”.*** Муттафақун алайҳ.

Дар ривояти Баззор ба исноди хуб, Ҳофиз ибни Ҳаҷари дар Фатҳ-ул-Борӣ нақл мекунад аз ҳадиси Абӯдардо, аз Паёмабари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст: ***“Намоз гузоридан дар Масҷиди Ҳаром баробари сад ҳазор намоз аст ва намоз гузоридан дар масҷиди ман баробари як ҳазор аст ва намоз гузоридан дар Байт-ул-Муқаддас баробари панҷсад савоб аст***”.

Аммо намоз гузоридан дар масҷиди Қубо баробари савоби Умра аст. Бинобар фармудаи Паёмабари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) :”***Намоз гузоридан дар маҷиди Қубо баробари***

***савоби Умра аст*”**. (Ривояти Аҳмад, Тирмизӣ ва Суютӣ ин ҳадисро саҳеҳ меҳисобад).

## Одоби зиёрати Мадина

Худованд вақте ки зиёраткунандаро ба зиёрати Мадинаи муборак мушарраф кард, бояд ба одобҳои зерин риоя намояд:

1. Ба ёд орад, ин ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба уммат яктопарастиро ва дар дуо ягона аз Худо талаб карданро таълим доданд. Бар зиёраткунанда воҷиб аст дар дуояш касе ва чизеро шарик наорад ва ҳоҷатҳояшро назди Худои ягона пеш гузорад. Худованд дар сураи Анъом ояти 17 мефармояд:
   “***Агар Худо ба ту сахтӣ расонад, ҳеҷ кас ба ҷуз Ӯ дафъкунандаи он нест***”
2. Ба ёд орад, ин ки Мадина макони фазилат ва баракот аст ва лаҳзаҳои худро бо тоат ғанимат дониста дар масҷиди Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) намоз, тиловати Қуръон ва зикри Худо ва ғайраҳо анҷом диҳад.
3. Аз бидъату маъсиятҳо ҳазар кунад, зеро дар Ҳарам маъсияти Худо кардан азобаш шадидтар аст аз шахсе ки маъсияти Худо мекунад дар ғайри Ҳарам.
4. Бояд бо хулқи нек ва одоби хуб ба аҳли Мадина муомила намояд, зеро дар шариат ваъда ба азоб дода шудааст, барои шахсе ки аҳли Мадинаро озор медиҳад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: ***“Касе ба аҳли Мадина иродаи бадӣ дорад Худованд ӯро ҳал кунад ҳамчуноне ки намак дар об ҳал мешавад***”. (Ривояти Муслим).

## Фазилати Мадина

Мадинаи Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) маконат ва манзалаи олӣ дорад. Худованд онро мушарраф ва бузург гардондааст ва онро аз беҳтарин макон баъди Макка қарор додааст. Мадина ба ҳидояту раҳмати Парвардигор диёри ваҳй ва фурудгоҳи малоикаҳост. Ҳар хубие, ки дар рӯи замин мушоҳида мешавад, аз баракот ва бузургии Мадинаи муборак аст. Чуноне ки он дар аҳди Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва саҳобагон мушоҳида мешуд. Яке аз хусусиятҳои бузургии Мадина инҳоанд:

**Аввалан: фазилатҳои имонӣ:**

- Муҳаббати Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба Мадина.

Баъд аз он аз Макка ба Мадина ҳиҷрат карда дар дуои худ гуфтанд: "***Худоё муҳаббати Мадинаро бештар аз Муҳаббате, ки ба Макка доштем, ба дили мо бияндоз***". (Ривояти Бухорӣ)

- Дучанд будани савоби намоз дар масҷиди Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

Яке аз фазилатҳои Мадина, ин аст, ки намоз гузоридан дар масҷиди Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) *аз намоз гузоридан дар ғайри масҷиди ӯ, аз ҳазор намоз беҳтар аст, ба ҷуз намоз гузоридан дар Масҷиди Ҳаром.*

- Имон ба сӯи Мадина бозмегардад

1. Худованд Мадинаро ватани имон ихтиёр кардааст. Худованд дар сураи Ҳашр ояти 9 мефармояд:

"***Ва низ аз они касоне аст, ки пеш аз муҳоҷирон ба Дор-ул-Ислом ҷой гирифтанд ва дар имон ҷой пайдо карданд...***". "

Ҳамчуноне ки имон аз Мадина сар зад ва боз ба сӯи он бозмегардад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "***Имон ба Мадина баргашта ва ҷамъ мегардад, ба***

***мисле ки мор ба сӯрох ва ошёнааш баргашта ва ҷамъ мегардад***". (Муттафақун алайҳ).

- Мадина бар ҳама қаряҳо ғолиб меояд.

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар боби Мадина сифат карда мефармоянд: "***Ба ман дастур дода шудааст, ки ман ба қарияе ҳиҷрат кунам, ки аҳли он бар аҳли дигар қарияҳо ғолиб мешаванд ва мунофиқин онро Ясриб мегӯянд. Ва исми муносиб барояш Мадина аст***". Муттафақун алайҳ.

**Сониян Мадина шаҳри поку гуворост.**

- Хусусияти Мадина ин аст, ки гуноҳонро маҳв мекунад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: "***Мадина шаҳри поку гуворост, гуноҳонро нест мекунад ҳамчуноне ки оташ чирк ва олудаҳои нуқраро нест мекунад***". (Ривояти Бухорӣ)
- Мадина мардумони бадро аз худ меронад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: **"Мадина мардумони бадро аз худ меронад, тавре ки кӯра сиёҳии оҳанро аз байн мебарад**". (Муттафақун алайҳ).
- **Фазилати вафот кардан дар Мадина**
  Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар додаанд, ки "***Касе битавонад аз шумо барои вафот кардан, Мадинаро ихтиёр кунад, зеро ки ман барояш шафоат мекунам, ё ки барояш гувоҳӣ медиҳам***". Ривояти Насоӣ.

Ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) дуо мекард, ки Худованд ӯро дар Мадина қабзи ҷон кунад. Дар саҳеҳи Бухорӣ ривоят шудааст, ки дуои ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) чунин буд: ***"Худоё маро дар роҳи худат ба шаҳодат рӯзӣ деҳ ва ҷони маро дар Мадинаи расулат қабз кун***".

**Сеюм: Амн дар Мадина пойдор аст.**

1. **Мадина шаҳри амн аст**. Худованд Мадинаро шаҳри амн қарор додааст, то ки дар он шиорҳои Ислом барпо шаванд ва дин мунташир шавад. Аз Саҳл ибни Ҳунайф (разияллоҳу анҳу) ривоят шудааст, ки гуфт: Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба дасташон ба сӯи Мадина ишора намуда гуфтанд: "***Мадина ҳарами амн аст***". (Ривояти Муслим). Амн дар он аз чанд умур иборат аст:

А) Касе ба Мадина қасди бадӣ дорад, Худованд ӯро ҳалок кунад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "***Касе ба аҳли Мадина қасди бадӣ дорад, Худованд ӯро ҳал кунад, ҳамчуноне ки намак дар об ҳал мешавад*". (Ривояти Аҳмад) .

Б) Касе сокинони аҳли Мадинаро метарсонад, Худованд ӯро битарсонад ва дучори лаънаташ кунад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "***Касе аҳли Мадинаро зулман метарсонад, Худованд ӯро ба хавфаш гирифтор кунад ва лаънати Худо, малоикаҳо ва тамоми мардум бар вай бод. Аз вай на фаризае ва на нофилае қабул нахоҳад шуд***." (Ривояти Насоӣ)

В) Касе ба аҳли Мадина макру ҳиллаи бадӣ мекунад, Худованд ӯро дар дунё ҳалок кунад ва барояш мӯҳлате надиҳад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: "***Ба аҳли Мадина касе ҳилла карда натавонад, магар ин ки ҳал шавад, чуноне ки намак дар об ҳал мешавад*". (Ривояти Бухорӣ)

Г) Касе ба аҳли Мадина бадӣ дорад, Худо ба вай дар охират азоби сахт ваъда додааст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: "***Касе мехоҳад ба аҳли Мадина бадӣ расонад, Худованд ӯро ба мисли миси***

***обшуда дар оташи дузах ҳал кунад, ё ба мисли намаке, ки дар об ҳал мешавад***”. (Ривояти Муслим).

2. **Мадина ҳарами Худованд аст.**

Худованд Макка ва Мадинаро ҳарами Худ гардондааст. Мурод аз ҳарам гуфта: яъне чизҳое ҳастанд, ки дар дигар ҷойҳо анҷом додани онҳо ҷоиз аст, вале дар Маккаву Мадина анҷом додани онҳо ҳаром аст, ё ки чизҳое, ки дар дигар ҷойҳо анҷом доданашон ҳаром бошад, аммо дар Маккаву Мадина ҳароми ашаддӣ аст. Ба ҷуз Маккаву Мадина дигар гӯшаву канори замин ҳарам шуда наметавонад ва ҳатто Масҷиди Ақсоро севумин ҳарам гуфта намешавад, зеро вай ба ҳарам маҳсуб намешавад.

Сабаби ҳаром маҳсуб шудани баъзе ашё дар назди Худованд дар Маккаву Мадина аз он иборат аст, ки Иброҳим Маккаро ва Паёмбари мо Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Мадинаро ҳарам интихоб карданд. Дар ҳадисе ки имом Муслим ривоят мекунад: Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: **“Иброҳим Маккаро ҳарам интихоб кард ва ман Мадинаро ҳарам интихоб кардам**”. Маънои “Ҳарам” ё “ҳаром” гуфтан дар он аст, ки баъзе корҳоро дар Макка ва Мадина анҷом додан қатъиян манъ аст. баъзе амалҳоро номбар мекунем, ки дар Мадина анҷом додан ҳаром аст:

А) Хуни ноҳақ резондан, гарчанде ки дар ҳар макон ва ҳар замон хун резондан ҳаром, вале дар Мадина ҳароми ашаддӣ аст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: “**Дар Мадина хуни ноҳақ резондан ҳаром аст**”. Ривояти Муслим.

Б) Дар Мадина барои ҷанг силоҳ бардоштан ҳаром аст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

мефармоянд: “**Силоҳ бардоштан барои ҷанг ҳаром аст**”. Ривояти Муслим.

В) Сайд кардани ҳайвонот ва паррандаҳо ҳаром аст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: “**Сайд кардан дар он ҳаром аст.”** Ривояти Муслим.

Г) Қатъ кардани дарахти он ҳаром аст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: **“Қатъ кардани дарахти он ҳаром аст”.** Ривояти Муслим. Яъне, дарахте, ки худ сабзида аст қатъ карданаш ҳаром аст, аммо дарахте, ё зироате, ки инсон меҳнат карда шинондааст, кандани он боке надорад.

Д) Баргҳои дарахтҳои Мадинаро зада афшондан ҳаром аст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: “**Баргҳои дарахтҳои Мадинаро зада афшондан ҳаром аст, ба ҷуз аз барои алаф истифода бурдан**”. Ривояти Муслим.

Е) Бидъатеро ба вуҷуд овардан ё бидъатоварандаро дар Мадина ҷой додан ҳаром аст. Ин ду амр дар ҳама ҷо ҳаром аст, вале дар Мадина ҳароми ашаддӣ аст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: “***Касе дар Мадина бидъатеро ба вуҷуд орад, ё бидъатоварандаеро ҷой диҳад, лаънати Худо ва фариштагон ва тамоми мардум бар вай бод, на тавба ва на фидяи вай қабул нахоҳад шуд*”.** Муттафақун алайҳ.

3**. Мадина аз хавфи Даҷҷол дар амон аст**. Дар охири замон Масеҳи Даҷҷол хуруҷ мекунад ва ба ҳамаи давлатҳо давр мезанад ва даъвои Парвардигори оламиён мекунад. Аммо кофирон корҳои чашмнадидаи вайро дида ӯро тасдиқ мекунанд. Ҳар вақте ки мардум овозаи вайро шуниданд,

тарсида ба тарафи кӯҳҳо мегурезанд, магар хавфи ӯ ба Мадина намедарояд. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: “***Хавфи Масеҳи Даҷҷол ба Мадина намедарояд***”. Ривояти Бухорӣ.

Худованд Мадинаро аз даромадани Масеҳи Даҷҷол муҳофизат намудааст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: ***“Даҷҷол меояд ва ҳол он ки роҳҳои даромадан ба Мадина ба рӯяш баста шудаанд***”. Ривояти Бухорӣ.

Даҷҷол ҳар чанд ҳаракат мекунад, то ба Мадина дарояд, лекин Худованд Мадинаро бо фариштагоне, ки бо худ шамшер доранд муҳофизат мекунад, то пеши роҳи ӯро боздоранд. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд, ки Даҷҷол мегӯяд: “***Қариб аст, ин ки ба ман дастур дода шавад ба сафар баромадан ва рӯи заминро давр занам ва ҳеҷ диёреро нагузорам, магар ин ки дар муддати чиҳил шаб дар он ҷо фуруд оям, ба ҷуз Макка ва Мадинаро, зеро даромадан ба ин ду макон бар ман баста шудаанд. Ҳарчанде ки даромадан ба якеро хоҳам малоикае дар дасташ шамшер пеши роҳи маро мегирад*”.** Ривояти Муслим.

**4 . Касалии тоун ба Мадина намедарояд.**

Тоун дарди ҳалоккунандааст. Аллоҳ таъоло Мадинаро аз касалии тоун муҳофизат кардааст ва дар ҳар роҳи он малоикаҳоеро вобаста кардааст, ки тоунро ба Мадина даромадан манъ кунанд. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: “***Ба даромадгоҳи Мадина малоикаҳо вазифадор шудаанд, ки на тоунро ба даромадан мемонанд ва на Даҷҷолро*”.** Муттафақун алайҳ.

**5. Малоикаҳо Мадинаро посбонӣ мекунанд.**

Яке аз амн будани Мадина он аст, ки Худованд онро бо малоикаҳояш гиромӣ дошта аз Даҷҷол ва тоун нигаҳ медорад. Ҳамаи роҳҳояш бо малоикаҳо муҳофизат карда шудааст. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: "***Ба даромадгоҳи Мадина малоикаҳо вазифадор шудаанд, ки на тоунро ба даромадан мемонанд ва на Даҷҷолро***". Муттафақун алайҳ.

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: "***Қасам ба он зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, ҳеҷ дарае ва ҳеҷ роҳе дар Мадина вуҷуд надорад, магар ин ки бар он роҳ ду малоикаест, ки онро посбонӣ мекунанд, то омадани шумо ба он ҷо.***" Ривояти Муслим.

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: "***Даҷҷол меояд, пас мебинад, ки малоикаҳо Мадинаро посбонӣ мекунанд***". Ривояти Бухорӣ.

6. **Дар Мадина касалии вабо нест:**

Мадинаи Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дорои водиҳост ва дар он касали вабо бисёр мешуд. Вақте ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва асҳоби худ ба Мадина ҳиҷрат карданд, бемор шуда таб карданд. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дуо карданд, ки Худованд ваборо аз ин ҷо бардорад. Ва дар дуояшон Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд: **"*Худоё Маднинаро барои мо аз беморӣ нигаҳ дор*.**" Муттафақун алайҳ.

Ибни Ҳаҷар (раҳматуллоҳи алайҳ) мефармояд: баъди дуои Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Мадина аз саломаттарин шаҳрҳои Худованд баргашт.

## Хотима

## Намуна аз олимони мӯътабари дини Ислом дар Моваро-ун-наҳр

### Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ)

**Насаб:** Ҳофиз Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Муғираи Бухорой Ҷӯъфӣ. Маъруф ба лақаби Имом Бухорӣ.

**Таваллуд:** 13 шавволи 194ҳ баъди намози Ҷумъа дар Бухоро дар замони ҳукумронии давлати Сомониён дар деҳаи Хартанг ду фарсах дур аз Самарқанд ба дунё омад. Дар айёми кӯдакӣ падарашро аз даст дод ва дар канор ва ҳимояти модараш парвариш ёфт. Ғунҷор яке аз таърихшиносони аҳли Бухоро дар таърихи Бухорӣ мегӯяд: Бухорӣ дар кӯдакӣ чашмонашро аз даст дода буд. Модараш барои беҳбудии ӯ дуову тазарруъ мекард. Шабе Иброҳими Халилуллоҳро дар хоб дид, ки ӯ ба вай гуфт: бар асари зиёдии зориву илтиҷа карданат, Худованд барои фарзандат биноиашро боз гардонд. Ва дар синни 12 солагӣ ҳамроҳи модар ва бародараш Аҳмад ба Ҳаҷ рафт ва бародараш ба Бухоро баргашт ва дар он ҷо вафот кард, аммо ӯ дар Макка боқӣ монд ва таҳсили илми ҳадис кард, сипас ба Миср ва Осиёи исломиро тай кард ва чун ба Бухоро баргашт 600 ҳазор ҳадис бо худ овард ва худи ӯ мегӯяд: *“Нанавиштам ҳадисеро магар ин ки пеш аз он ғусл карда ва ду ракаат намоз гузоридам”.* Он ҳазрат (раҳматуллоҳи алайҳ) фақат 7275 ҳадисро мӯътабар дониста дар китоби таълифкардаи худ ба номи Саҳеҳ Бухорӣ ҷой дод. Илова бар ин ӯ боз тафсири Қуръони Карим низ дорад. Абдулвоҳид ибни Одам Таввовисӣ мегӯяд: “Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар хоб дидам, ки бо ҷамоате аз асҳобаш мунтазири касе буданд, ман наздашон рафта ба эшон салом додам ва саломи маро ҷавоб доданд. Гуфтам: сабаби тавaққуфи шумо дар чист? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: “Мунтазири Муҳаммад ибни Исмоил ҳастам” баъди чанд рӯз хабари марги Муҳаммад ибни Исмоил ба ман расид. Пас аз

таҳқиқ ва ҷустуҷӯ фаҳмидам, ки ӯ дар соате фавтида буд, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар хоб дида будам.

**Ҳифз ва заковати Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ)**

Имом Бухорӣ дорои ҳофизаи қавии Худодод буда дар қуввати ҳифз дигаронро дар ҳайрат овардааст.

Дар муқаддимаи Саҳеҳи Бухорӣ чопи Миср саҳифаи 9 омадааст, ки Варроқи Бухорӣ мегӯяд: Бухорӣ дар ҳоле, ки бачаи хурдсол буд ҳамроҳи мо ба назди машоихи Басра меомад. Чанд рӯзе ба ин тартиб гузашт ва чизе ҳам наменавишт. Баъди шонздаҳ рӯз мо ӯро манъ кардем, ӯ гуфт: шумо маро бисёр сарзаниш мекунед, бубинам шумо чи чизеро навиштаед? Нигоҳ кардем, ки дар ҳудуди 15 ҳазор ҳадис навишта будем, сипас тамоми он аҳодисро аз ҳифз барои мо хонд. Ва гуфт: тасаввур кардед, ки ман беҳуда дар ҷамоати шумо ширкат мекунам ва вақту рӯзгорро зоеъ мекунам? Баъд фаҳмидем, ки дар ҳифз касе бар ӯ тақаддум надорад.

Аз ӯ пурсиданд: Оё барои ҳифз давое вуҷуд дорад. Ӯ гуфт: “***Ҳеҷ чиз судмандтар аз саъю кӯшиш, касрати мутолиа, мудовимати назар ва эҳтимом нест***”.

Абулазҳар мегӯяд: дар Самарқанд 400 муҳаддис буд , ҷамъ шуданд ва мехостанд бар сабили муғолата қувваи ҳофизаи Муҳаммад ибни Исмоилро бисанҷанд. Исноди Шомро дар исноди Ироқ ва бар акс ва исноди Ҳарамро дар исноди Яман дохил ва тахлид мекарданд. Бо вуҷуди ин наметавонистанд дар ташхиси иснод саргардон кунанд ва ё дар ӯ айб ёбанд, вале ӯ ҳар якеро бо иснодаш баён мекард.

**Ахлоқи Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ):**

Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) дар мунтаҳои дараҷаи ҳаё ва шуҷоат, саховат, зуҳд ва вараъ дар дори дунё ва рағбат дар дори бақо буд. Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) гуфтааст: Замоне, ки донистаам ғайбат ҳаромаст то ин дам касеро ғайбат накардаам “***Умедворам замоне ба сӯи Худованд бармегардам,***

***ки ғайбати инсонеро накарда бошам"*** (Муқаддимаи Саҳеҳи Бухорӣ саҳ.14).

Ва ӯ камхур бисёр эҳсонкор ва хело саховатманд буд. Қомати мӯътадил дошт на кӯтоҳу на баланд, гандумранг ва лоғарандом буд.

**Саъйи Имом Бухорӣ дар талаби илм ва ибодат.**

Муҳаммад ибни Абуяҳёи Варроқ  замоне ки ҳамсафари Абуабдуллоҳи Бухорӣ будам дар манзиле, ки ман дар ҳоли хоб будам медидам, ки ӯ дар як шаб 15то 20 маротиба қиём мекард. Оташро мегирифт ва чароғро равшан мекард ва аҳодисро истихроҷ мекард ва ба он илм ҳосил менамуд. Сипас сарро дар болин мениҳод. Ва боз аз нав аз ҷой бархоста ин амалро такрор мекард. Ба ӯ гуфтам: ҷаноби устоз, шумо мутаҳаммили машаққатҳои зиёде мешавед, чаро маро бедор намекунед, то чароғро барои шумо равзан кунам. Гуфт: ту ҷавон ҳастӣ. Намехоҳам хоби туро барҳам занам. Барои ӯ лаззати илм ва саъй аз лаззати хоб бештар буд. (Муқаддимаи Саҳеҳи Бухорӣ чопи Миср саҳ.11).

**Таълифоти Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ)**

"Саҳеҳ Бухорӣ", "Адабу-л-муфрад" "Ал-Таъриху-л-кабир" "Ал-Таъриху-л-авсат", "Ал-Таъриху-с-сағир", "Бирру-л-волидайн", "Ал-Ҷомеъу-л-Кабир" "Ал-Муснаду-л-кабир" "Ал-Тафсиру-л-кабир" ва ғ.

**Саҳеҳ Бухорӣ**: яке аз китобҳои ҳадис ва яке аз сарчашмаҳои мӯътабари аҳли суннат аст, ки таълифи он муддати 16 сол ба тул анҷомид. Аҳли суннат ин китобро яке аз Сиҳоҳи Ситта ба шумор меоваранд.

**Мадҳу санои мардум ва устозон бар Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ):**

Имом Аҳмад (раҳматуллоҳи алайҳ) (49) Хуросон монанди Абузаръа, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмони Доромӣ ва Ҳусайн ибни Шуҷои Балхиро ба дунё наовардааст.

Муҳаммад ибни Башшорӣ Басрӣ гуфтааст: Ҳофизони дунё чаҳор нафар ҳастанд: Абузаръа дар Рай, Муслим ибни Ҳаҷҷоҷ дар нишопур, Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмони Доромӣ дар Самарқанд, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ дар Бухоро.

Имом Муслим (раҳматуллоҳи алайҳ) гуфтааст: Шаҳодат медиҳам, ки шумо дар дунё монанде надори.

Имом Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдураҳмони Доромӣ гуфтааст: Уламои Ҳарамайн, Ҳиҷоз, Шом ва Ироқро дидаам ҷомеътаре аз Абуабдуллоҳи Бухорӣ ро наёфтам.

**Вафоти Муҳаммад ибни Исмоил Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) :**

Ҳангоме, ки Холид ибни Аҳмад волии Бухоро ки халифа Ибни Тоҳир буд амр ба ихроҷи Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) аз Бухоро кард. Шайх ба қарияи Хартанг аз деҳоти Самарқанд ду фарсах дур аз он, рафт ва дар онҷо иқомат баргузид. Сипас мариз шуд Ӯ дар дуои худ мегуфд: “Бор Худоё замин бо вусъате, ки дорад бар ман танг шуд, Худовандо! Маро ба сӯи Худат қабз кун”. Ҳанӯз як моҳ нагузашта буд, ки дуои ӯ мустаҷоб шуд. Ва шаби шанбе бегоҳи иди Рамазон дар соли 256ҳ аз дунё даргузашт. (Муқаддимаи Саҳеҳи Бухорӣ чопи Миср саҳ.47).

## Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ)

**Насаб:** Муҳаммад ибни Исо ибни Савра ибни Мусо аст. Куняшон Абуисо ва нисбаташон “Тирмизӣ” мансуб ба ватани ӯ мебошад.

**Таваллуд**: дар соли 209ҳ дар шаҳри Тирмиз ба дунё омадааст. Илмҳои ибтидоиро дар зодгоҳи хеш фарогирифта сипас барои касби улуми олӣ раҳсипор ба Миср, Ҳиҷоз, Куфа, Шом ва ғ.

**Устодони Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ):**

Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) аз устодони машҳуру муътабар замони худ, касби файз намудааст. Аз ҷумла: Имом Бухорӣ, Имом Муслим, Имом Абудовуд, Қутайба ибни Саид ва дигарон.

**Ҳифз ва заковати Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ)**

Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) мегӯяд: ман дар роҳи Макка будам, ки ду бахши ҳадис яке аз устодҳое, ки дар сафар ҳамроҳам бударо навиштам. Пас аз ӯ суол мепурсидам, ва ӯ низ ҷавобам медод ва ҳадисро он гунае, аз ӯ мешунидам, ҳифс мекардам. Ногаҳон ба ман нигоҳ кард, ки дар дастам ду вараќи сафед дорам. Пас гуфт: Оё хиҷолат намекашӣ? Ман ҷараёнро барояш тавзеҳ дода гуфтам: ман тамоми онро ҳифз дорам. Гуфт: он чи навиштаро барои ман бихон! Ман низ онро барояш хондам. Тааҷҷуб кард ва гуфт бовар намекунам, ки ҳамаи ин аҳодисро акнун ҳифз карда бошӣ?! Қаблан ин аҳодиси набавиро ҳифз кардааӣ? Лутфи шумо, аҳодиси дигареро бароям бихонед, то қонеъ шавед, ки ман метавонам ҳифзашон кунам ё на. Сипас ӯ чиҳил ҳадисро бароям хонд ва гуфт: Акнун аҳодисро бароям бозгӯ. Ман низ ҳамаи он аҳодисро барояш як ба як гуфтам ва ҳатто дар як ҳарфеҳам иштибоҳ накардам.

Ҳоким (раҳматуллоҳи алайҳ) мефармояд: Аз Умар ибни Алак шунидам, ки мегуфт Имом Бухорӣ вафот кард ва дар Хуросон касе монанди Абумусои тирмизӣро дар илму ҳифз ва

парҳезгорӣ ба ҷой нагузошт. Ӯ дар фироқи устодаш он қадар гиря кард, то ин ки нобино шуд ва чанд соле ҳамон гуна монд.

Гувоҳии Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) бар тавоноиҳои Имом Тирмизӣ:

Имом Тирмизӣ мегӯяд: Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) фармуданд: бештар аз он чи ки ту аз ман фоида барӣ ман аз ту фоида мебарам.

**Осори Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ)**

Аз осори Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ): "Ҷомеъ ал Тирмизӣ", " Китоб аш шамоил", "Китаб ал илал", "Китоб ал зуҳд" ва "Рисолатун фил хилофи вал ҷадал".

Яке аз машҳуртарин хизматҳои Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) дар ҷаҳон, ин илми ҳадис аст. Номи китобашон "Ҷомеъ ал Тирмизӣ" ки монанди ситораҳои тобнок дар осмон ҳадис медурахшад. Ва ба иттифоқи иммати Ислом дар Сиҳоҳи Ситта дохил аст. Имом Тирмизӣ дар мавриди китоби Ҷомеаш мефармояд: "Ҳар кас, ин китоби ҷомеъро дар ихтиёр дошта бошад, гуё паёмбаре дар назди ӯ сухан мегӯяд".

Яке аз хусусиятҳои китоби Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ин аст, ки ҳам ***ҷомеъ*** аст ва ҳам ***сунан***. Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) дар ин китоб мазҳабҳои фиқҳиро бо зикри далелҳояшон баён мекунад. Ба ҳамин хотир китоби Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) дар боби ҳадис ва фиқҳ китоби арзишманд ба ҳисоб меравад.

Ҳофиз Абулфазл Муҳаммад ибни Тоҳири Макдасӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) (ваф.507ҳ) чунин мефармояд: "дар ҳузури Абуисмоил Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Ансорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) будам сухан дар бораи Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ва китоби ӯ ба миён омад. Ансорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) фармуд: Китоби Ҷомеъ ал Тирмизӣ дар назари ман манфиатноктар аст аз Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аст, зеро баҳрагирӣ аз он ду китоб барои Ҳамагон мумкин нест ва он ду

хосс барои мутахассисон аст, аммо китоби Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) барои ҳамагон баҳраманд аст.

**Мақому мартабаи Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) назди олимон.**

Уламо ва муҳаддисини зиёде Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) ро мадҳу сано кардаанд. Имом Убуаҳмади Нишопурӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) чунин гуфтаанд: Баъди вафоти Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) дар Хуросон аз лиҳози илму ҳифз ва зуҳд касе ҳамчун Абуисо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) набуд.

**Шогирдони Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ).**

Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) шогирдони ва ровиёни зиёде доштааст. Аз ҷумла и шогирдони ӯ: Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Довуди Марвазӣ, Ҳайсам ибни Кулайби Шомӣ, Маҳмуд ибни Нумай, Абулҳорис Асад ибни Ҳамдавия ва Муҳаммад ибни Мунзир ибни Саиди Ҳарабӣ (раҳматуллоҳи алайҳим) вале машҳуртарин шогирдонашон Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Маҳбуб, Абулаббос Маҳбубӣ Марвазӣ (ваф.366ҳ) аст.

**Вафоти Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) :**

Имом Тирмизӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) дар охири умр нобино гашт ва тамоми умрашро барои хидмати ислом сипари кард. Дар шаби душанбе 13 уми моҳи Раҷаб соли 279 ҳ дар синни 70 солагӣ дар шаҳри Тирмиз аз олам дар гузашт. (Сияру аъломун нубало).

# Феҳрасти матолиб ва мавзӯъҳо

1. Пешгуфтор........................................................ саҳ. 1
2. Асосҳои ислом.................................................. саҳ. 2
3. Мухотабаи ақлҳо.............................................. саҳ. 11
4. Осониҳои Ислом .............................................. саҳ. 19
5. Намуна аз ҳаёти саҳобаҳо ................................ саҳ. 25
6. Сафар ба Мадинаи Мунаввара ........................ саҳ. 33
7. Хотима .............................................................. саҳ. 43
8. Феҳрасти матолиб ва мавзӯъҳо ...................... саҳ. 50